# Идоракунии муштараки ҷангал

## Дастур барои сафарбаркунандагон, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва Барномаҳо дар асоси таҷриба бо усули Идоракунии муштараки ҷангал дар Тоҷикистон дар давоми солҳои 2006 - 2015




Маблағгузор:

Иттиҳоди Аврупо

FLERMONECA

Идоракунии ҷангалҳо ва гуногуншаклии биологӣ, аз он ҷумла мониторинги ҳолати муҳити зист

Дар амал татбиққунанда:

giz Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH

Б.Б.К. 42.9(2 тоҷик)
ш. 67

Идоракунии Муштараки Ҷангал
Д.: 2015 -62 с.

ISBN 978-99975-877-0-1

Дастурамал барои сафарбаркунандагон, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва лоиҳаҳое, ки таҷрибаи усули Идоракунии муштараки ҷангалро дар давоми солҳои 2006- 2015 доранд.

Ин нашрия бо дастгирии молиявии Иттиҳоди Аврупо тавассути лоиҳаи FLERMONECA (Идоракунии ҷангалҳо ва гуногуншаклии биологӣ, аз он ҷумла мониторинги ҳолати муҳити зист), ки аз тарафи Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH (Ҷамъияти Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ) дар Осиёи Марказӣ амалӣ мегардад чоп шудааст. Мазмуни нашрияи мазкур масъулияти муаллифон буда, нуқтаи назари Иттиҳоди Аврупоро бо ҳеҷ роҳ инъикос намекунад.

Ҳамаи ҳуқуқҳо маҳфуз ҳастанд. Пурра ё қисман аз навтаҷдидкунӣ, нагаҳдорӣ дар системаи компютерӣ, шабакаи интиқоли ин нашрия дар ҳама гуна шакл ё тавассути ҳар гуна воситаҳо – электронӣ, механикӣ, нусхабардорӣ, магнитӣ ва ё ба таври дигар, бе иҷозати пешакии муаллифон манъ аст

ISBN 978-99975-877-0-1

**Муаллифон/Тақризгарон**
Свеня Шуман; Манучер Фезаков; Анке Гауде; Бенҷамин Нойзел; Алине Россет; Клаус Вохезер; Кристоф Видеманн; Катрин Улеманн

**Тарҷумон**
Давлаталӣ Шарипов

**Шахси масъул**
Д-р. Степан Унковски
stepan.uncovsky@giz.de

**Таррох**
Александра Устинова

**Аксхо**
© Бойгонии барномаи минтақавии GIZ

**Нашриёт**
**ҶДММ «Орбита»**
**Тоҷикистон, Душанбе**

Июн, 2015

www.flermoneca.org

© ИА Лоиҳаи FLERMONECA, 2015
© GIZ, 2015

# Идоракунии муштараки ҷангал

## Дастур барои сафарбаркунандагон, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва Барномаҳо дар асоси таҷриба бо усули Идоракунии муштараки ҷангал дар Тоҷикистон дар давоми солҳои 2006 - 2015



# Мундариҷа


**Ихтисораҳо** ........ **6**

**Тавзеҳи истилоҳоти истифодашуда** ........ **7**

**1. Муқаддима** ........ **9**

**2. Ҷорӣ намудани усули Идоракунии муштараки ҷангал дар ҷомеа** ........ **13**

2.1. Сафари саҳроӣ ........ 14
2.2. Семинари иттилоотӣ ........ 16
2.3. Созишнома байни ҷомеа ва муасиссаи давлатии хоҷагии ҷангал ........ 20
2.4. Муайян намудан ва ҷудо кардани қитъаҳоиҷангалбарои ИМҶ ........ 20
2.5. Интихоби истифодабаранагони ҷангал ........ 24
2.6. Шартномаи ИМҶ ........ 26
2.7. Нақшаи идоракунӣ ва Нақшаи солона ........ 28

**3. Амалигардонии усули Идоракунии муштараки ҷангал** ........ **31**

3.1. Назорати / мониторинги нақшаи солона ........ 32
3.2. Машварати техникӣ ........ 30
3.3. Дастгирии молиявии Идоракунии ҷангал ........ 32
3.4. Ҷамъоварӣ ва фурӯши маҳсулоти ҷангал ........ 37
3.5. Идоракунии ихтилофоти бамиёномада ........ 40
3.6. Таъсиси гурӯҳи истифодабарандагони ҷангал ........ 43

**4. Гуфтугӯи озод оид баИМҶ** ........ **45**

**5. Рӯйхати коршиносон ва ташкилотҳо** ........ **49**

**6. Замимаҳо** ........ **59**

# Ихтисораҳо

**ТАҶ** Ташкилотҳои асоси ҷомеагидошта

**ИМҶ** Идоракунии муштараки ҷангал

**ВМКБ** Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

**СМГ** Системаи Маълумотии Географӣ

**GIZ** Ташкилоти байналмиллалии ҳамкории Олмон

**БАСБ** баландӣазсатҳибаҳр

**МҒЧҶ** Маҳсулотҳоиғайричӯбииҷангал

**ДНА** Дафтарчаи нигоҳдории амонат

**МДХҶ** Муассисаидавлатиихоҷагииҷангал

**СТ, С** Сомонии Тоҷикӣ (сомони)

**ДИМ,** Доллари Иёлоти Муттаҳид**а**

**ТД** Ташкилоти деҳа



# Тавзеҳи истилоҳҳои истифодашуда

- **Истифодабарандаи ҷангал** порчаи муайяни ҷангалро зери шартномаи ИМҶ аз МДХҶ барои идоракунӣ мегирад. Як шахс метавонад шартномаро ба имзо расонад, лекин тамоми аъзоёни оила метавонанд дар давоми баиҷрорасии шартнома саҳми худро гузошта, аз ҳосили меҳнаташон низ истифода кунанд. Ҳамин тавр, чанд насл кору фаъолияти ҷангалпарвариро давом дода, аъзоёни оила якдигаро иваз мекунанд вақте, ки яке аз онҳо бо ягон мақсад деҳаро тарк мекунад. Дар дигар ҳолатҳо дида мешавад, ки як чанд хонавода ва ё тамоми маҳал шартномаи ИМҶ ҳамчун як гурӯҳ бо як намоянда ба имзо мерасонанд. Истилоҳи "истифодабарандаи ҷангал" ба тамоми хонавода рабт дорад, хоҳ гурӯҳе аз хонавода бошад, хоҳ тамоми бошандагони маҳал.

- **Гурӯҳи истифодабарандагони ҷангал** гурӯҳест, ки аз якчанд шахсият иборат буда, ҳар яки онҳо дорои қитъаи чангал дар доираи ИМҶ мебошанд. Истифодабарандаи ҷангал ҳамчун сардори гурӯҳ дар алоқа бо МДХҶ буда, ташкил кардани корҳои муштаракро ба уҳда дорад.

- **Кормандони МДХҶ** ҷангалпарварони аз тарафи МДХҶ ба кор таъиншуда мебошанд. Онҳо шахсони аввалиндараҷа барои тамоси истифодабарандагони ҷангал ё гурӯҳ мебошанд. Вазифаи онҳо аз додани маслиҳатњои муфид оиди идоракунии техникии ҷангал, таҳияи нақшаи идоракунии солона ва назорат кардани иҷроиши нақшаҳо мебошанд. Одатан, як ҷангалпарвар барои минтақаҳои ҷангале, ки як чанд деҳаро фаро мегирад вазифадор мебошад.

- **Сафарбаркунандагон/ тарғиботчиён** шахсиятҳое мебошанд, ки ба аҳолии маҳалї ва ба МДХҶ алоқамандї надошта, лекин байни ин ду гурӯҳ ҳамчун миёнарав амал мекунад. Умуман, Сафарбаркунандагон/ тарғиботчиён аз ҳисоби ташкилотҳои ғайридавлатї тааллуқ мебошанд.

- **Намояндагони маҳал** кормандони коммуналї ё ҷамоат, сардорони интихобшудаи Деҳа ва Ташкилотҳои дар сатҳи маҳал таъсисшударо, ки бо тарзи расмї интихоб шудаанд, (ТД, ТАҶ) мебошанд. Инчунин, намояндагони маҳал кӯҳансолон ва сокинони обрӯманд, аз ҷумла кормандони ғайрирасмии ҳукумат низ мебошанд.



# 1. Муқаддима







# 1. Муқаддима

Идоракунии муштараки ҷангал (минбаъд-ИМҶ) – ин усули идоракунии муштараки ҷангал мебошад, ки аҳолии маҳалӣ – шахсони алоҳида ва ё гурӯҳҳоро барои идоракунии ҷангал ҷалб менамояд ва барои барқароршавии ҷангалҳои табиии дар заминҳои фонди давлатии ҷангал қарор дошта, ки дар натиҷаи истифодаи дуру дароз таназзул ёфтаанд, кӯмак мекунад.

Татбиқи нақшаҳои Идоракунии муштараки ҷангал,яке аз масъалаҳои муҳим дар чорчӯбаи Стратегияи рушди соҳаи ҷангал, ба ҳисоб меравад: то соли 2030 бояд на кам аз 40000 га заминҳои фонди давлатии ҷангал ба 3500 хонавода барои ИМҶ ҷудо карда шавад.

Дар асоси Кодекси ҷангал (2011, моддаҳои 45-49) ва Низомномаи идоракунии муштараки ҷангал шартномаи ИМҶ метавонад ба мӯҳлати 20 сол баста шавад. Нақшаи Идоракунии дарозмуддат ва нақшаи фаъолияти солона, бо нишон додани чорабиниҳои идоракунии ҷангал, инчунин ҳаҷми маҳсулоти ҷангал, ки метавонад оқилона аз ҷангал ба даст оварда шавад, ки инҳо унсурҳои ҳатмии шартномаи ИМҶ ба ҳисоб мераванд, бояд аз ҷониби истифодабарандаи ҷангал ва Муассисаи Давлатии хоҷагии ҷангал (МДХҶ) қабул карда шаванд. Ҳосили аз қитъаи ҷангал ба даст омада байни МДХҶ ва истифодабарандагони ҷангал тибқи розигии тарафайн тақсим карда мешавад.

Дар айни замон фарқияти лоиҳаҳои ба таври васеъ истифодашавандаи ҳамкорӣ миёни аҳолии маҳаллӣ ва Муассисаҳои давлатии хоҷагиҳои ҷангал инҳо мебошанд:

| Барномаҳои ҳозираи ҳамкорӣ | Усули ИМҶ |
|---|---|
| Шартномаҳои кӯтоҳмуддат ва ё шартномаҳои ғайрирасмӣ, созишномаҳои шифоҳӣ баста мешаванд. | Шартномаи дарозмуддат (то 20 сол бо имконияти дароз намудани муҳлати он) |
| Истифодабарандаи ҷангал ҳамчун корманде дониста мешавад, ки чорабиниҳои муайяни хоҷагии ҷангалро иҷро мекунад, ва аз ҳосили ба даст омада ҳисса ва ё ба ивазаш маблағи пулӣ мегирад.<br><br>Кормандони МДХҶ истифодабарандагони ҷангалро роҳбарӣ менамоянд. | Истифодабарандаи ҷангал ва ё гурӯҳи истифодабарандагони ҷангал дар муносибати рӯ ба рӯ бо МДХҶ қарор доранд ва ҳар ду тараф дар идоракунии ҷангал масъуланд. |
| Истифодабарандагони ҷангал танҳо ба баъзе аз фаъолиятҳои ҷангалпарварӣ машғуланд- дар бисёр ҳолатҳо ин ҷамъоварии ҳосил мебошад. | Истифодабарандаи ҷангал/ гурӯҳи истифодабаранда-гони ҷангал ва Муассисаи Давлатии хоҷагии ҷангал тамоми сол барои пешбурди чорабиниҳои хоҷагии ҷангал, ки бо мақсади барқарорсозӣ ва ҳифзи ҷангал равона карда шудаанд, ӯҳдадор мебошанд. |
| Фаъолиятҳо аз нақшаи умумии солонаи Муассисаи Давлатии хоҷагии ҷангали дахлдор бароварда шудаанд. | Фаъолиятҳо дар асоси нақшаҳои 5-сола ва солонаи барои ҳар як қитъа алоҳида таҳияшуда, кибо истифодабаранда ё гурӯҳи истифодабарандагон ва Муассисаи Давлатии хоҷагии ҷангал мувофиқа гардидааст, ба роҳ монда шудаанд. |
| Дар барқарорсозӣ ва ҳифзи ҷангал сармоягузорӣ мавҷуд нест. | Муддати дароз барои барқарорсозии ҷангал, сармоягузории дар шакли аслиро таъмин менамояд. |

ИМҶ метавонад дар тамоми намуди ҷангалҳо ва дар ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон дар амал ба роҳ монда шавад. Андозаи қитъаи замин, ки омили ҳавасмандкунонии истифодабарандаи ҷангал, барои гирифтани даромади кофӣ аз соли аввали бастани Шартнома мебошад, тағйир дода мешавад.

Таҷриба нишон дод, ки барои ҷорӣ намудани ИМҶ мусоидат намудани сафарбаркунандагон/таблиғотчиён зарур мебошад. Аз ҳамин сабаб Дастури мазкур ҳама гуна чорабиниҳои заруриро барои татбиқи бомуваффақияти ИМҶ барои чунин кормандон нишон медиҳад. Маълумот барои алоқа бо кормандони ботаҷриба ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ҳамчунин коршиносон ва ташкилотҳои таъминкунандаи дастгирии техникиро дар Боби 5 ёфтан мумкин аст.



## 2. Ҷорӣ намудани Идоракунии муштараки ҷангал дар ҷомеаҳо

# 2. Ҷорӣ намудани Идоракунии муштараки ҷангал дар ҷомеаҳо

Барои дарёфти манфиатҳои умумӣ ҳангоми татбиқ намудани усули ИМҶ дар Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангал сафарбаркунанда/ таблиғотчӣ дар аввал бо директори хоҷагӣ ва ё ҷонишини он вохурӣ мегузаронад. Дар асоси манфиатҳои умумии МДХҶ раванди мусоидат ба ҷорӣ намудани ИМҶ метавонад оғоз гардад. Дар боби мазкур зинаҳои татбиқ намудани усули ИМҶ аз ҷониби сафарбаркунандагон/ таблиғотчиён дар деҳа ва ё ноҳияи нав фаҳмонида мешавад.

## 2.1. Сафари саҳроӣ

Аввалин сафари саҳроӣ барои муайянкунии мувофиқи мақсад будани татбиқи ИМҶ дар ноҳияи мазкур мебошад. Кормандони МДХҶ ва намояндагони ҷомеа дар ҳамаи давраҳои чорабиниҳо иштирок намоянд, зеро онҳо дар бораи таърих ва истифодаи ҳозираи ҷангал маълумоти арзишманд дода метавонанд. Барои омода кардани сафари саҳроӣ аксҳои моҳворавӣ ва харитаҳои МДХҶ барои пайдо намудани таассуроти умумӣ метавонанд истифода шаванд.

Дар давоми сафарҳои саҳроӣ маълумотҳои зерин ҷамъоварӣ карда мешаванд:

- **Ҳолати ҷангал дар гузашта:** Ҳолати ҷангал, пеш аз даврони Шуравӣ ва дар давоми он, нишон медиҳад, ки кадом намуди дарахтон дар минтақаҳои дахлдор хуб инкишоф ёфтаанд. Ин маълумот метавонад барои барқарор намудани ҷангал истифода бурда шавад. Сарчашмаҳои иттилоот харитаҳо , китобҳои охирини баҳисобгирии ҷангал ва банақшагирии идоракунӣ (ҷангалсозӣ) шуда метавонанд, ки ҳоло ҳам онҳо дар ҳар як МДХҶ мавҷуданд. Дар бештари ҳолатҳо мутахассисони Агентии хоҷагии ҷангал дар шаҳри Душанбе, Пажуишгоҳи хоҷагии ҷангал ва ё ҶСК «Таджиклессервис» метавонанд дастгирӣ намуда, бо маълумот таъмин намоянд.

- **Ҳолати ҳозираи/ кунунии ҷангал:** АБарои он ки гирифтани маҳсулот омили асосии истифодабаранда-гони ҷангал ва МДХҶ барои иштирок дар ИМҶ мебошад, ҷангал бояд дорои биомасса ё иқтидори ҳосил-нокии кофии чормағз ё меваҳо бошад, ки онҳоро бо ҳезум ва маҳсулотҳои ғайричӯбии ҷангал, ки дар давоми сол ҷамъоварӣ карда тавонанд, таъмин намояд. Дар сурати ба таъхир афтодани гирифтани даромад ҳавасмандгардонӣ хеле муҳимаст.

- **Истифодаи ҳозираи/кунунии ҷангалҳо:** Муҳим бояд донист, ки ҷангалро кӣ истифода мебарад ва ҷангал бо кадом мақсад истифода бурда мешавад (барои ҳезум, ҳамчун чарогоҳ ва ғайра), ва оё ягон қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ дар бораи истифодаи ҷангал вуҷуд доранд. Дар шароитҳои муайян, шартномаҳои мавҷудбуда оид ба иҷора метавонанд заминаи хуб барои ҷорӣ намудани ИМҶ бошанд. Бо вуҷуди ин онҳо таъсири манфӣ низ расонида метавонанд. Маса-лан, агар барои азнав тақсимкунии қитъаҳои ба иҷора додашуда монеа эҷод кунанд. Дар аксари минтақаҳо МДХҶ барои истифода-барии ҷангал иҷозатномаҳои инфиродӣ ва мавси-мӣ медиҳад. Онҳо метавонанд иҷозатномаҳо барои ҷамъоварии ҳосили чормағз, писта ва дигар меваҷот ва ё истифодаи мавсимии ҷангал ҳамчун чарогоҳ бошанд.

- **Вазъи иҷтимоию иқтисодии деҳа:**

Ин таҳлил бояднишон диҳад

- оё аҳолӣ барои иҷрои кор дар ҷангал қувваи кории ба қадри кифояро доро ҳастанд;

- оё аҳолии деҳа вақташонро барои кор дар қитъаҳои ҷангал сарф карданӣ ҳастанд;

- ба он диққат бояд дод, ки оё вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ сарбории кор барои занон зиёд шуда, ин ба даромад ва имкониятҳои истифодаи онҳо таъсир намерасаронад;

- манфиати эҳтимолан аз ИМҶ (даромади молия-вӣ ё ҳезуми ҳаррӯзаи ҳар хонавода, инчунин, манфиатҳои экологӣ ё рӯҳӣ барои деҳа) ба даст омада пурра метавонад сокинони деҳаро ба барқарорсозӣ ва идоракунии ҷангал ҷалб намояд.

- **Ҷойгир шудани қитъаи ҷангал:** Таҷриба нишон медиҳад, ки барои истифодабарандагони ҷангал







дар майдонҳои ҷангали ҳамсоя кор кардан осонтар аст. Тавсия дода мешавад минтақаҳои ҷангали мазкурро, ки дар наздикии деҳа ҷойгир аст, пурра зери ИМҶ қарор диҳанд то дастрасии озоди бемеъёр ба ҷангалҳои боқимонда пешгирӣ карда шавад.

- **Таъминот бо об:** муайян кардан муҳим аст, ки оё ҷангал ва ё худбарқароршавии ҷангал аз обёрӣ вобаста аст ва чӣ тавр ин обёрӣ метавонад такмил ё танзим карда шавад (барқарорсозии каналҳои кӯҳна ё сохтмони канали нав, таъсиси обанборҳо).

- **Сарварӣ дар ҷомеа:** Бомуваффақият татбиқ намудани ИМҶ аз маълумоти лозима ва фаъолияти мусоидаткорона дар сатҳи ҷомеа вобастагии хеле калон дорад. Аз ин рӯ, пешвоёни расмӣ ва ғайрирасмиро дар ҷомеа муайян намудан зарур аст, ки то дар оянда тавонанд дар раванди ҷорӣ кардани ИМҶ ва пешгирӣ намудани муноқишаҳои эҳтимолӣ дар байни сокинони деҳа дастгирӣ намоянд.

- **Мавҷуд будани шарикони боэътимод ва манфиатдор:** Бомуваффақият татбиқ намудани ИМҶ аз доштани шарикони худ дар деҳа (кормандони маҳаллии МДХҶ, намояндагони деҳа, истифодабарандагони ҷангал), ки усули ИМҶ- ро мефаҳманд, истиқбол ва кӯмаку дастгирӣ мекунанд, вобаста аст. Агар ҷомеа парокан-да шуда бошад ва натавонад созиш кунад, он гоҳ ин барои татбиќи самараноки ИМҶ монеа эҷод мекунад.

- **Чарогоҳи ғайрирасмӣ ва чаронидани чорво:** Ин ҳолати муқаррарие мебошад, ки қитъаҳои ҷангал ғайрирасмӣ ҳамчун чарогоҳ истифода бурда мешаванд.Дар ин ҳолат татбиқ намудани ИМҶ метавонад дар байни сокинони деҳа ҳисси нохушнудӣ ва норозигиро бедор месозад. Бинобар ин муайян кардани дарҷаи истифодабарии чарогоҳҳои ғайрирасмӣ дар ҳудуди ҷамоат ва муайян кардани мавҷудияти чарогоҳҳои алтернативӣ муҳим мебошад.

Дар охири сафари саҳроӣ маълумотҳои ҷамъоваришуда ҳуҷҷатгузорӣ карда мешавад ва барои қабул кардани қарор оиди ҷорӣ намудани усули ИМҶ дар минтақаи ҷангали дахлдор имкон медиҳад. Ақидаронӣ оид ба шароити беҳтари ҷангал дар гузашта (дар муқоиса бо ҳозира) метавонад ба консепсияи ИМҶ дар байни сокинони деҳа ва ҷангалбонон бисёр мусоидат намояд.

## 2.2. Семинари иттилоотӣ

Агар ҷорӣ кардани ИМҶ барои минтақаи муайяни ҷангал имконпазир ба назар расад, он гоҳ семинари иттилоотӣ пас аз сафари саҳроӣ гузаронида мешавад (аксаран се ё чор ҳафта). Сафарбаркунандагон/таблиғотчиён замон ва макони гузаронидани семинари иттилоотиро бо намояндагони деҳа ва кормандони МДХҶ мувофиқа мекунанд. Истифодаи проектор (барои нишон додани тасвирҳо ва харитаҳои минтақаҳои ҷангал аз GoogleEarth) воситаи самаранок барои дастгирии раванди ќабули ќарорҳо аз тарафи мардум мебошад. Тасвирҳои Google Earth дар бисёр минтақаҳои ҷангал барои муқоиса намудани аксҳои моҳворавии (спутникӣ) дар солҳои гуногун гирифташуда имкон медиҳанд. Маводҳои иттилоотии соддакардашуда ва намоишҳо дар шакли Power Point бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ барои гузаронидани семинари иттилоотӣ дастрас мебошанд.

Семинари иттилоотӣ ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад:

- **Баҳодиҳии муштараки вазъи ҷангал:** Иштирокчиёни семинар оид ба ҳолати ҷангал ва чораҳои зарурии беҳтар гардонидани майдони ҷангали дар наздикии деҳа воқеъбуда фикру андешаронӣ мекунанд .

- **Шарҳи ИМҶ:** Принсипҳои асосӣ (тақсими масъулият ва манфиати байни истифодабарандагони ҷангал ва МДХҶ) ва унсурҳои ИМҶ дарҷ ёфтаанд.

- **Тавзеҳи Шартнома:** Бо ин мақсад, як нусхаи кӯтоҳи шартнома дар шакли мураттаб, ки дар он нуқтаҳои асосии он дарҷ шудаанд, метавонад истифода шавад.

- **Фаҳмонидани ҳуқуқи дастрасӣ:** Дар ҳолате ки истифодабарандагони ҷангал ҳуқуқи дарозмуддати истифодаи ҷангалро доранд, дастрасии дигар сокинон ба ҷангал маҳдуд аст. Оқибатҳои ҳезумғундорӣ ва чаронидани чорво дар ҷангал бояд баррасӣ карда шаванд.

- **Фаҳмонидани масъулиятҳои истифодабарандагони ҷангал:** Истифодабарандагони ҷангал бояд ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худро вобаста ба ин нақш дарк намоянд. Онҳо бояд ба таври воқеӣ баҳо дода тавонанд, ки то кадом андоза хонаводаи онҳо барои иҷрои кор дар ҷангал қодиранд. Барои намуна истифодабарандагони ҷангал дар дигар деҳаҳо метавонанд нишон дода шаванд.

- **Тасвири манфиатҳои дар назар доштешуда:** Кор дар ҷангал ба таври нақд пардохт намешавад, аммо истифодабарандагони ҷангал метавонанд қисман ҳосили бадастомадаро соҳиб шаванд. Дар солҳои аввали идоракунии ҷангал манфиатҳо аксаран маҳдуданд. Истифодабарандагони ҷангал бояд дарк намоянд, ки танҳо дар сурати иҷрои вазифаҳои худ, ки дар нақша омадааст, ба онҳо барои ба даст овардани маҳсулоти ҷангал/ҳосил иҷозат дода мешавад.

- **Ҷорӣ намудани шартномаи ҷамъиятӣ.** Иштирокчиён бо натиҷаҳои ИМҶ барои деҳа шиносоӣ пайдо мекунанд ва дар маҷмӯъ бо розигии ҷомеа баррасӣ шуда ба имзо мерасонанд.

- **Муҳокимаи саволҳои кушода.**

- **Номгӯи истифодабарандагони эҳтимолии ҷангал.** Агар ҷомеа аллакай дар бораи ҷорӣ намудани усули

ИМҶ дар давоми семинари иттилоотӣ розӣ шавад, рӯйхати истифодабарандагони эҳтимолии ҷангал фавран метавонад тартиб дода шавад. Дар сурате, ки баъзе хонаводаҳо ошкоро изҳор намоянд, ки онҳо дар усули ИМҶ манфиатдор нестанд ва дар он иштирок намекунанд, дар ин бора санад тартиб дода мешавад.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити дараҷаи баланди соҳибмулк будани истифодабарандаи ҷангал дар байни кормандони МДХҶ, онҳо бояд аз оғози ҷорӣ намудани усули ИМҶ дар ин раванд ҷалб карда шаванд. Бо ин роҳ, ки кормандони МДХҶ худро, барои ҷорӣ намудани ИМҶ масъул эҳсос хоҳанд кард. Нақши сафарбаркунандагон/ тарғиботчиёнбояд аз нахуст ба сокинони деҳа ва кормандони МДХҶ маълум бошад. Ташкилотҳои ғайридавлатӣ бояд диққатро ҷалб намоянд, то ки татбиқи шаффоф ва истифодаи имкониятҳо вуҳуқуқҳои аз тарафи қонунгузории ҷангал пешбинишуда таъмин гардад. Раванди ҷорӣ намудани усули ИМҶ бояд аз тарафи МДХҶ ва Истифодабарандагони ҷангал ба мувофиқа расонида шавад. Якчанд нигарониҳои ва хавф/ ҳазар вобаста ба ҷорӣ намудани ИМҶ дар ҳар ду тарафистифодабарандагони эҳтимолии ҷангал ва МДХҶ мавҷуд аст. Маъмултарини онҳо дар зер оварда шудаанд.

Сафарбаркунандагон/тарғиботчиён бояд барои ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли мушкилотҳои пеш меомада оид ба риоя намудани қонунгузории соҳаи ҷангал ва идоракунӣ хуб омодагӣ бинанд, боввариро ба худ қавӣ гардонанд.

| Хавф/ ҳазари умумӣ вобаста ИМҶ аз ҷониби истифодабарандагони эҳтимолии ҷангал: | Чӣ бояд ба назар гирифта шавад. |
|---|---|
| Истифодабарандагони ҷангал аксаран оиди даромади эҳтимолӣ аз ИМҶ шубҳа доранд. | Аз ин рӯ хеле муҳим аст фаҳмонидани манфиати / фоидаи ҳақиқие, ки дар оянда ба даст меояд ва қитъаҳои ҷангалро тавре ҷудо бояд намуд, ки аз соли аввал ба даст овардани фоида имкон дошта бошад. |
| Истифодабарандагони эҳтимолии ҷангал аз он ҳазар доранд, ки онҳо қитъаи ҷангалро барқарор мекунанд ва баъдтар МДХҶ онро пасгардонида мегирад. | Бинобар ин дар сурати ҳар гуна қонуншиканӣ аз талаботҳои шартномаи ИМҶпайравӣнамудан муҳим аст. Шартномаҳо бояд барои 20 сол баста шаванд. Асоси қонунӣ барои давом додани/бекор кардани шартнома бояд фаҳмонда дода шавад.<br><br>Аксар вақт даъват намудани намояндаи Агентии хоҷагии ҷангал барои фаҳмонидани ҷанбаҳои ҳуқуқии шартномаи ИМҶ муфид аст.<br>Ғайр аз ин, пешниҳод карда мешавад, ки худи истифодабарандагони ҷангал **Гурӯҳи истифодабарандагони ҷангалро** ташкил намоянд (нигаред ба банди 3.6). |



| | |
|---|---|
| Истифодабарандагони эҳтимолии ҷангал ҳазар аз он доранд, ки МДХҶ ӯҳдадориҳои дар Шартнома нишон додашударо иҷро намекунанд. | Бинобар ин дар сурати ҳар гуна қонуншиканӣ аз шартномаи ИМҶ пайравӣ намудан муҳим аст.<br><br>Пешниҳод карда мешавад, ки худи истифодабарандагони ҷангал Гурӯҳи истифодабарандагони ҷангалро ташкил намоянд (нигаред ба банди 3.6). |
| Истифодабарандагони эҳтимолии ҷангал аз он ҳазар доранд, ки МДХҶ ҳаққи зиёдтар талаб мекунад нисбати оне, ки да Шартнома нишон дода шудааст. | Бинобар ин дар сурати ҳар гуна қонуншиканӣ аз шартномаи ИМҶ пайравӣ намудан муҳим аст.<br><br>Дар сурати розигии тарафайн ҳама гуна тағйирот метавонад ба шартномаи ИМҶ илова карда шавад, аз ҷумла оид ба ҳақ доштан дар гирифтани маҳсулот ҷангал/ ҳосил.<br><br>Таъсиси гурӯҳҳои истифодабарандаи ҷангал ба дӯши худи истифодабарандаи ҷангал аст. (ба боби 3.6 нигаред). |
| Истифодабарандагони эҳтимолии ҷангал аз он ҳазар доранд, ки тақсимоти қитъаҳои ҷангал дар доираи ИМҶ шаффоф намегузарад ва ба онҳо қитъаҳои на онқадар хуб ҷудо карда мешавад. | Ба маслиҳатҳои банди 1.3 нигаред. |
| Нигаронӣ дар бораи пардохти андозҳо. | Ба маслиҳатҳои боби 3.5 нигаред. |
| **Нигаронии умумӣ нисбат ба муносибати иштирокчиёни ИМҶ бо МДХҶ:** | |
| МДХҶ аз он ҳазар дорад, ки бо роҳи бастани шартномаҳои ИМҶ, дорандаи Шартнома дер ё зуд заминро хусусӣ мегардонад. | Ҳатто агар хусусигардонии замини МДХҶ дар гузашта бошад ҳам, он ҳеҷ асоси қонунӣ надорад.<br><br>Ҳар қадаре, ки МДХҶ барои барқароркунии ҷангал мусоидат намуда, истифодабарандагони ҷангалро дастгирӣ кунад, онҳо ҳамон қадар кам кӯшиши хусусигардонии замин ва фиреб додани МДХҶ-ро мекунанд. |

## 2.3. Созишномаи ҷомеа

Ҷорӣ намудани усули ИМҶ на танҳо барои дорандагони шартномаи ИМҶ, балки барои тамоми сокинони деҳа таъсири худро мерасонад, масалан, маҳдудияти тайёр кардани ҳезум ва чаронидани чорво, барои ҳамин дар маҷмӯъ розигии ҷомеа хеле муҳим аст.

Сафарбаркунандагон/таблиғотчиён бояд боварӣ ҳосил кунанд, ки ҳамаи сокинони деҳа (аз он ҷумла касоне, ки дар семинари иттилоотӣ иштирок надоштанд) дар бораи тағйироти пешниҳодшуда оиди идоракунии ҷангал хабар доранд ва ҳар кас имкон дорад барои истифодабарии қитъаи ҷангали муайян дархостпешниҳод намояд. Дар акси ҳол пинҳон намудани ҷанҷолҳои дохилӣ ба хориҷ намудани баъзе хонаводаҳо ва ё гурӯҳи истифодабарандагон аз тақсимоти қитъаҳои ҷангал оварда мерасонад.

Бо мақсади пешгирӣ намудани нофаҳмиҳо сокинони деҳа метавонанд барӯйхат дароварда шаванд, то ки дар бораи рӯзу соати вохуриҳои ҷомеа хабардор бошанд. Дар деҳаҳо одамоне ҳастанд, ки пас аз солҳои 1990 –ум кӯч баста омадаанд ва сокинон ғайрирасмӣ ба муқимӣ ва навомадагон тақсим шудаанд. Ин омил метавонад дар сафарбар намудани ҷомеа мушкилии ҳақиқӣ эҷод намояд ва вобаста ба тақсимоти қитъаҳои ҷангал ҷанҷолҳо барангезад. Сафарбаркунӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ бояд бо ҳамроҳии сарварони ҳарду гурӯҳ – муқимиён ва навомадагон сурат гирад.

Пеш аз оне, ки шартнома байни МДХҶ ва истифодабарандагони ҷангал баста шавад, созишнома миёни ҷомеа ва МДХҶ ба имзо расонида мешавад.  Дар созишнома гуфта мешавад, ки  ҷомеа омода аст усули ИМҶ-ро дастгирӣ намояд ва ин масъулияти иштирокчиёни ИМҶ-ро  муайян мекунад.

Дар он ҷойҳое, ки ташкилотҳои асоси ҷамъиятидошта (ТАҶ), ба монанди ташкилотҳои деҳот ҳастанд бояд аз рӯи маслиҳат робита намоянд. Созишномаи ҷомеа дар рафти семинари иттилоотӣ шиносонида мешавад. Баъзан сокинони деҳа онро аллакай дар рафти семинари иттилоотӣ имзо мекунанд, баъзеи дигар изҳор мекунанд, ки барои  муҳокима намудани ин  вақт лозим аст  ва семинари дуввум он гоҳ бояд ба нақша гирифта шавад. Маълумоти муфассал  оиди ҷараёни қабули қарорҳо аз  қоидаҳои оддии ҷомеа вобаста аст ва ҳеҷ як қоидаи умумӣ пешниҳод шуда наметавонад. Шартномаҳои алоҳида  бе созишномаи ҷамъиятӣ, ки аз тарафи Раиси Ташкилоти Дехот ва дигар намояндагони ҷомеа ба имзо мерасад, ба амал баровварда намешавад.

## 2.4. Муайян намудан ва  ва ҷудокардани қитъаҳо барои  ИМҶ

Ҷомеа, яъне машварати деҳа, дар якҷоягӣ бо кормандони МДХҶ ва дастгирии бевоситаи сафарбарку-нандагон/таблиғотчиёнқарор мебароранд, ки майдони ҷангалро чӣ тавр тақсимот намоянд.

Усулҳои зерин дар деҳот ва минтақаҳои гуногун истифода бурда шуданд:

- **Идомаи ҷудокардани қитъаҳои қаблан ҷудокардашуда.** Дар баъзе деҳаҳо МДХҶ қаблан ба хонаводаҳои алоҳида қитъаҳои ҷангал ё ҳуқуқи истифодаро иҷозат дода буд, ва ё хонаводаҳои алоҳида қитъаҳои ҷангалро девор гирифта бе ягон ҳуқуқи  расмии идоракунӣ ба  истифодабарӣ ва барқарорсозии ҷангал шурӯъ намудаанд.

Дар чунин ҳолат ҷорӣ намудани усули ИМҶ танҳо ба расмият даровардани намунаи қаблан вуҷуддошта, инчунин механизми идоракунӣ ва банақшагириро  таъмин менамояд.
Дар ҳар сурат ин метавонад чунон бошад, ки баъзан МДХҶ шартномаҳои ИМҶ-ро ба эътибор нагирад. (бо боби  3.5. оиди идоракунии низоъҳо муқоиса кунед.).

- **Ҷудо кардани қитъаҳои  иқтидори ҳосилнокиашон монанд.** Ин чунин маъно дорад, ки қитъаҳои замин дар минтақаҳои ҷангали хуб хурдтар ва дар қитъаҳои ҷангали зарардида васеътар мебошанд.

Ҷудокунӣ метавонад дар мувофиқа бо истифодабарандагони ҷангал аз рӯи афзалиятҳои интихобкардаи  онҳо  (агар розигӣ ба даст оварда шавад) ва ё тариқи қуръапартоӣ сурат гирад.

- **Ҷудо кардани қитъаҳои ҷангали дорои вазифаҳои  монанд.** Ин чунин маъно дорад, ки қитъаҳо аз рӯи масоҳат ва сифат монанд буда, минтақаҳои ҳам ҷангали хуб ваҳам таназзулёфтаро дар бар мегирад.







Ҷудокунӣ метавонад дар мувофиқа бо истифодабарандагони ҷангал аз рӯи афзалиятҳои интихобкардаи онҳо (агар розигӣ ба даст оварда шавад) ва ё тариқи қуръапартоӣ сурат гирад.

- **Ҷудо кардани қитъаҳои ҷангале, ки ИМҶ барои МДХҶ усули муфид барои идоракунӣ аст.**

Мақсади асосии МДХҶ аз бастани шартномаҳои ИМҶ ин ба даст овардани қувваи кории иловагӣ барои барқарорсозӣ ва хусусан муҳофизати ҷангалҳо мебошад. Дар ҳоле ки як қисми қитъаи ҷангал барои ҳавасманд кардани истифодабарандаи ҷангал даромади кофӣ меорад, минтақаи калоне, ки меҳнати зиёд талаб мекунад, ҷудо карда мешавад. Ҷудо кардани танҳо «пораи беҳтар" аз замини ҷангал бояд пешгирӣ карда шавад.

Дар ҷадвали зерин баъзе хусусиятҳои намудҳои умумии ҷангалҳои Тоҷикистон оиди идоракунии онҳо ва андозаи эҳтимолии қитъаи зери ИМҶ нишон дода шудааст:

| Намуди ҷангал | Ҷудокунӣ зери усули ИМҶ |
|---|---|
| **Ҷангалҳои наздисоҳилӣ:** Ин навъи ҷангалҳо дар соҳилҳои дарёҳо, системаи дарёҳои бузург, масалан, Зарафшон, Панҷ ё қад-қади дарёи Вахш, аксаран дар наздикии минтақаҳои сераҳолӣ ҷойгиранд.<br><br>Чунин ҷангалҳо бештар аз бед, сафедор, газ (юлғун) ва ангат иборат мебошанд. | Одатан ҷангалҳои наздисоҳилӣ барои истифодабарандагони зиёд ҷудо карда мешаванд ва масоҳати қитъаҳо хеле хурд мебошанд.<br><br>Одатан қитъаҳо андозаи аз **0,5 то 3 га** доранд.<br><br>Аз нуқтаи назари ҷангалпарварӣ, идоракунӣ дар асоси имкониятҳои азнавбарқароршавии табиии намудҳои дарахтони зуд афзоишёбанда ба роҳ монда мешавад. Мақсади идоракунӣ одатан аз танзим намудани чаронидани чорво ва истеҳсоли чуб/ ҳезум иборат аст. |
| **Ҷангалҳои меваву чормағзӣ:** Ин намудҳои хеле гуногун ва беназири ҷангалҳо дар ноҳияҳои тебеи маркази ҷумҳурӣ ва қисми марказии вилояти Хатлон, дар ноҳияҳои Балҷувон, Ховалинг, Мӯъминобод ва Шӯрообод месабзанд. Якчанд намудҳои ҷангалии мева ва чормағзиҳо, масалан, себи ҷангалӣ, ноки ҷангалӣдар ин ҷангалҳо парвариш меёбанд.<br><br>Бисёре аз ин намудҳо нодир мебошанд ва ё зери хатари нестшавӣ қарор доранд. | Дар ҷангалҳои меваву чормағз андозаи қитъаи таҳти ИМҶ идорашаванда ҳудуди аз **10 то 30 га**-ро ташкил медиҳад<br><br>Таназзулёбӣ аз таъсири чорвочаронии ноустувор чунон мушкил нест, тавре ки дар минтақаҳои дигар аст.<br><br>Беҳтараш нигаҳдории гуногунии биологии бойи табиӣ афзалияти асосӣ аст ва аз ин рӯ бояд он дар маркази диққати фаъолияти идоракунӣ бошад. |



| | |
|---|---|
| **Ҷангалҳои пистадор/ Пистазорҳо:** Ин намуди ҷангали маъмул дар Тоҷикистон буда, дар минтақаҳои болоии сарҳадӣ дар ҷануби вилояти Хатлон вокеъ мебошанд. | Дар доираи ИМҶ мақсади идоракунии ин ҷангалҳо бояд аз ҳисоби муҳофизат ва бо роҳи шинонидани дарахтон барқарор намудани ҷангалҳои таназзулёфта ва чарогоҳҳо мебошад.<br><br>Пас аз ҷамъоварии ҳосили чормағзи ҳо имконияти ба даст овардани фоидаи калонро дар бозорҳои дохилии мавҷудбуда таъмин менамояд. Бо дар назардошти зичии ками дарахтон қитъаҳои ИМҶ аз **30 то 100га** қабул мешаванд.<br><br>Қитъаҳои ҷангал бояд ҳам ҷангалҳои ташакулёфтаро барои ҷамъоварии ҳосил ва ҳам майдони ниҳолшинонии эҳтимолиро барои рушди минбаъда дар бар гиранд.<br><br>Ин зарур ба шумор меравад, зеро ки ҷамоварии ҳосили дарахти писта танҳо пас аз 15 соли шинонданаш имконпазир мебошад. |
| Ҷангалҳои арчадор/ Арчазорҳо: Дар робита бо майдони фарогирйин навъи ҷангал дар Тоҷикистон афзалиятнок мебошад.<br><br>Зиёдтар дар баландкӯҳҳои минтақаи Зарафшон дар ноҳияҳои Панҷакент ва Айнӣ ҷойгир мебошанд.<br><br>Ҷангалҳои арчадор/ Арчазорҳо барои муҳофизат аз эрозия ва танзими об хеле муҳим мебошанд. | Ҷангалҳои арчадор/Арчазорҳо одатан барои кулли ҷомеа ҷудо карда мешаванд. Андозаи он метавонад аз **500 га то 2500га** –ро ташкил кунад.<br><br>Одатан заминҳои ба иҷорадодашуда натанҳо аз ҷангал, балки аз заминҳои кушодаи ҷангал, ки миёнаш майдончаҳо барои каҳдарав вуҷуд доранд, ва инчунин аз чарогоҳҳо иборат ҳастанд.<br>Раванди сусти афзоиш ва нозукии экосистема истифодаи захираҳои чӯбро маҳдуд мекунад.<br><br>Ҳавасмандгардонӣ барои истифодаи танзимшавандаи ҷомеа ҳосили Маҳсулотҳои ғайри чӯбии ҷангал, таъсиси қитъаҳои ҷангали истеҳсолӣ бо иншоотҳои обёрӣ ва ҷудо намудани чарогоҳҳо шуда метавонад.<br><br>Бинобар ин дар шартномаи ИМҶ инчунин чорабиниҳо оид ба минтақаҳои беҷангал, бунёди ҷангал, чорвочаронии устувор ва истеҳсоли маҳсулоти ғайричӯбии ҷангал бояд ба таври дақиқ муайян карда шавад.<br><br>Ҷудо намудани қитъаҳои истеҳсолии ҷангал барои ҳезум ё истеҳсоли бодом (талх) аксаран бо ҷудо кардани минтақаҳои зиёди арчазорҳо барои ба даст овардани қувваи кории иловагӣ барои ҳифзи ҷангал якҷоя мешаванд. |

Муҳим он аст, ки сафарбаркунандагон/ таблиғотчиён муҳокимаро идора кунад, то ки овози ҳама дар ҷомеа шунида шавад. Муҳокимарониҳо оид ба тақсимот бояд дар асоси харитаи тамоми минтақаи ҷангал ба роҳ монда шавад. Он барои муайян намудани сарҳади "амалӣ", ки сарҳадҳои табиӣ ба монанди дарё, қаторкӯҳҳо ва ғайра, ҳамчун сарҳади мазкур хизмат мекунад, лозим мебошад. Истифодаи тасвирҳои Google Earth ва ҷудокунии сарҳадҳо тавассути Системаҳои Маълумотии Географӣ(СМГ)хизмати худро ба сифати воситаи самаранок дар ин замина исбот кардаанд.

Тақсимоти дақиқи қитъаҳо дар саҳро аз тарафи намояндаи МДХҶ дар ҳузури истифодабарандагони ҷангал анҷом дода мешавад. Кормандони МДХҶ ва истифодабарандаи ҷангал бояд сарҳади қитъаи ҷангалро дақиқ муайян созанд, то ки дар оянда ба нофаҳмиҳо роҳ дода нашавад. Ҳудуди қитъаи ҷангали алоҳида бо истифода аз GPS сабт шуда, андозаи қитъаи замин чен карда мешавад.

Чӣ тавре ки аллакай зикр шуд, дар баъзе ҳолатҳо қитъаҳои алоҳида андозаи хеле калон доранд, то ки гирдашон ҳамчун сарҳад муайян карда шавад.

Дар ин ҳолат марзи дар асоси аксҳои моҳворавӣ бо истифода аз аломатҳои намоён ҳамчун сарҳад нишон додан/ ҷудо кардан осонтар аст. Раванди ҷудокунӣ барои баҳодиҳии зуди қитъаҳои ҷангал, яъне муайян намудани намудҳои асосӣ, миқдори меваю чӯб, дарахту буттазорҳо ва нишонгузории заминҳои таназзулёфта ва эрозияшуда имконият медиҳад.

Ин маълумот дар ояндаҳамчун заминаи хуб барои банақшагирии фаъолият хизмат мекунад.
Таҷриба нишон дод, ки тақсимоти дар асоси харитаҳои дастӣ ё харитаҳои банақшагирии хоҷагии ҷангал, ки дар солҳои 80-ум тартиб дода шудаанд, боварии кофиро нисбат ба амнияти Шартнома таъмин намекунад. Он самаранокии худро дар тартиб додани харитаҳо дар асоси аксҳои моҳворавии Google Earth, ки дастрасии озодона доранд, собит кард.

## 2.5. Интихоби истифодабарандагони ҷангал

Сокинони деҳот, ки барои иҷрои вазифаҳои зарурӣ дар барқарор ва идора кардани қитъаҳои ҷангал ҳам тайёр ва ҳам қодиранд, ҳамчун истифодабарандагони ҷангал интихоб мешаванд. Баъд аз муҳокимаи дохилӣ дар маҷлиси деҳа ва имзои созишномаи ҷамиятӣ намояндагони ҷомеа рӯйхати хонаводаҳои хоҳишманд ё хонаводаҳои дар истифодабарии ҷангал бо усули ИМҶ манфиатдор набударо ба сафарбаркунандагон/ таблиғотчиён пешниҳод мекунанд.

Шумораи истифодабарандагони ҷангал бо усули ИМҶ аз шумораи эҳтимолии қитъаҳои ҷангали тақсимшуда (чи тавре ки дар қисми гузаштаи 1.3 муайян шудааст) ва шумораи истифодабарандагони омода ва қодир буда вобастааст.

Барои баҳодиҳии иҷрои вазифаҳои дарназардошта иистифодабарандаи эҳтимолии ҷангал меъёрҳои зерин аҳамиятдоранд:

- *Қобилияти ҷисмонӣ:* Ҳадди ақал як аъзои оила хуб иҷрокунандаи кори хоҷагӣ ва дорои қобилияти кор дар ҷангал бошад.

- *Вақт:* Ҳадди ақал як аъзои оила хуб иҷрокунандаи кори хоҷагӣ, ки барои кор дар ҷангал вақти кофӣ дорад. Шуғл, муҳоҷират ва андозаи замини шудгоршудаи хусусӣ ё иҷорагирифта барои кор дар ҷангал таъсир мерасонад.

- *Таҷрибаи корӣ:* Таҷриба дар пешбурди хоҷагии ҷангал ва истифодабарии ҷангалҷиҳати мусбӣ мебошад (одатан аз кормандони собиқи МДХҶ ва аъзоёни оилаи онҳо).

- *Андеша барои оянда:* Шахси воқеие, ки манфиатҳои дарозмуддатро аз ҷангал ба назар мегирад (чӯб, дастрасии кӯдакон ба захираҳои табиӣ ва ғайра) нисбат ба онҳое, ки танҳо дар бораи зуд ба даст овардани фоида фикр мекунанд (ҳезум, алафдаравӣ, ва ғайра ), дар ҷангал беҳтар кор мекунад.

- *Ҳавасмандӣ:* Шахсоне, ки кори хонаводагиро хуб иҷро мекунанд, одатан танҳо дар бораи манфиати худ фикр намекунанд, инчунин дар бораи манфиатҳои умумӣ, яъне вазифаҳои умумии экосистемаи ҷангал фикр мекунанд.

- *Ҳолати рӯҳӣ:* Бисёре аз иҷрокунандагони хуб







шахсони солхӯрда мебошанд, ки нисбат ба деҳаи худ робитаҳои қавии эҳсосӣ дошта, нияти дар деҳа истодану ва барои насли ҷавон сарвар буданро доранд.

Дар сурате, ки тамоми ҷомеа барои шартномаи ИМҶ дархост намояд, меъёрҳои дар боло номбаршуда бояд аз тарафи на камтар аз се як ҳиссаи ҷомеа иҷро шавад ва як раҳбари қавӣ бояд иштирок намояд.

Интихоби воқеии истифодабарандагони ҷангал дар пайравии ду зина/ давра сурат мегирад:

- **Мусоҳиба бо истифодабарандагони эҳтимолии ҷангал.** Дар асоси меъёрҳои дар боло зикршуда саволнома барои мусоҳиба бо истифодабарандагони эҳтимолии ҷангал, ки аз тарафи ҷомеа ба рӯйхат дохил карда шудаанд, таҳия ва истифода бурда мешавад. Бо мақсади шаффоф ва писандида гузаронидани раванди интихобкунӣ барои ҳамаи хонаводаҳои ҳавасманд, гузаронидани мусоҳиба аз ҷониби сафарбаркунандагон/ таблиғотчиёни беруна тавсия дода мешавад.

- **Интихоби истифодабарандагони ҷангал.** Комиссияи интихобӣ аз намояндаи МДХҶ, намояндаи ҷомеа ва миёнарави беруна иборат мебошад. Комиссия ҷавобҳоро дар асоси ҳуҷҷат дар саволномаҳо баҳогузорӣ намуда, истифодабарандагони ҷангалро интихоб мекунад. Ҳар як саволнома аз тарафи ҳамаи аъзоёни комиссияи интихобӣ имзо карда мешавад. Агар як номзад интихоб нашавад, сабабаш дар саволнома оварда мешавад.

Дар баъзе ҳолатҳо, якчанд нафар аз як хонавода ё хешовандони наздик барои истифодабандаи ҷангал будан бо усули ИМҶ муроҷиат мекунанд, то қиқитъаи калони ҷангалро якҷоя ба даст биёранд.
Аз ин рӯ, сафарбаркунандагон/ таблиғотчиён бояд бо роҳбарони деҳа барои дастрас кардани маълумоти муфассал дар ин бора ва пешгирии забти қитъаҳои калон аз тарафи як оила робитаи зич намоянд.
Вақте, ки қитъаҳои андозаашон гуногун бояд тақсим шаванд истифодаи усули имконияти равонашаванда муфид аст. Масалан, қитъаҳои калонтар метавонанд ба касоне ҷудо карда шаванд, ки нисбат ба дигарон вақти зиёди кор дар ҷангал ва ё таҷрибаи бештар дар истифодаи усулҳои хоҷагии ҷангал доранд.

## 2.6. Шартномаи Идоракунии муштараки ҷангал

Пас аз ҷудо намудани минтақаи ҷангал ба қитъаҳои алоҳида ва тақсимоти онҳо ба истифодабарандагони ҷангал шартномаи ИМҶ аз тарафи МДХҶ ва истифодабарандагони ҷангал ба имзо мерасад. Кормандони МДХҶ ва истифодабарандагони ҷангал (дар саҳро ва дар идора) ҳамкории босамардошта метавонанд, агар ҳар кадоми онҳо пурра ба мазмуни Шартнома сарфаҳм раванд. Дар асоси Кодекси ҷангал ва Низомномаи дахлдор дар бораи ИМҶ, шартномаи ИМҶ бандҳои зеринро дар бар мегирад:

- Андоза ва ҷойгиршавии аниқи қитъаи ҷангал, чуноне ки дар харитаи сифаташ хуб нишон дода шудааст.

- Номи минтақаи ҷангалпарварӣ ва ё шӯъбаи идоракунандаи МДХҶ ва шахси масъули назораткунандаи кори истифодабарандагони ҷангал.

- Мақсадҳои ИМҶ. Қайд намудан зарур аст, ки диққати ИМҶ на ба таъсиси боғҳо ва киштзорҳои ҷангал, балки ба муҳофизат, рушд ва маҳсулнокии ҷангалҳои табиӣ равонашудааст.

- Тартиби таҳия ва таркиби Нақшаи идоракунӣ.

- Тартиби тақсимоти ҳосили ба даст омада (бояд бо фоизҳо аз тарафи МДХҶ ва истифодабарандагони ҷангал гирифта шавад, дар соли якум, дуюм, сеюм ва ғайра ).

- Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои МДХҶ ва истифодабарандагони ҷангал. Дар доираи идоракунӣ ва нақшаи солона ба истифодабарандаи ҷангал идораи мустақилонаи ҷангал иҷозат дода мешавад, дар ҳоле, ки МДХҶ ӯро дастгирӣ карда, истифода ва муҳофизати қитъаро танзим мекунад.

- Муҳлати Шартнома ва қоидаҳои давом додани он. Мӯҳлати Шартнома бояд ба таври кофӣ дароз бошад, то ки барои барқарорсозии ҷангал омилҳои мутобиқ дода шавад, зеро афзалияти он танҳо дар сурати имкониятҳои дарозмуддат ба даст меояд. Мувофиқи Кодекси ҷангал (2011) Шартномаҳо ба мӯҳлати 20 сол бо ҳуқуқи давом додани он баста мешаванд.

- Тартиби бекоркунии шартнома ва даровардани тағйиротҳо ба он.

Хеле муҳим аст, ки истифодабарандагони ҷангал ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худро ба сифати







иштирокунандагони  ИМҶ пеш аз имзо кардани Шартнома фаҳмида бошанд. Барои фароҳам овардани ин вақти кофӣбояд сарф шавад. Вақте китақсимоти фоизҳои ҳосили ба даст омада байни МДХҶ ва истифодабарандагони ҷангал аз нав баррасӣ карда мешавад, гуфтушунидҳо бояд аллакай дар марҳалаи охири баррасии шартнома бошанд ва тамоми унсурҳо дар бандҳои     шартномаи расмӣ муайян карда шаванд. Ба сафарбаркунандагон/ таблиғотчиёнқатъиян тавсия дода мешавад, ки ҳаққи як ҷонибро муайян накунанд, ё ин ки яке аз ҷонибҳои шартномаро дастгирӣ накунанд. Тамоми раванди гуфтушунидҳо бояд аз ҷониби МДХҶ ва худи истифодабарандагони ҷангал идора карда шавад. Сафарбаркунандагон/ таблиғотчиён бояд барои пешниҳод намудани ҳисобот оиди даромади эҳтимолии солонаи (ба таври табиӣ) ҳар ду тараф ва нишон додани хароҷоту тақвиятҳо барои барқарорсозии ҷангал ва овардани даромад омода бошанд.

## 2.7. Нақшаи идоракунӣ ва нақшаи солона

Нақшаи идоракунӣ (5-сола)  ва Нақшаи солона ҳамчун воситаи идоракунии ҷангал ва мониторинги фаъолиятҳо ва натиҷаҳо хизмат мекунад. Онҳо дар якҷоягӣ бо кормандони МДХҶ ва истифодабарандаи муносиби ҷангал барои ҳар як қитъаи ҷангал алоҳида таҳия карда мешаванд.

Дар ҳақиқат, банақшагирӣ дар асоси маълумотҳои баҳисобгирии ҷангал бо мақсади баҳодиҳии афзоиши биомасса ва тайёр карданичӯб/ҳезум ба меъёри имконпазирдар як сол, ва эҳтимолияти ҳосили маҳсулотҳои ғайричӯбӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар ҷадвали зерин тавсифи асосии ҳар ду  намуди нақшаҳо оварда шудаанд:

| | Нақшаи идоракунӣ | Нақшаи солона |
|---|---|---|
| **Мӯҳлат** | Панҷ сол | Як сол |
| **Мақсад** | Воситаи стратегии банақшагирии қитъаҳои ҷангал дар мӯҳлати начандон дароз мебошад ва  ба сифати асос барои  нақшаи солона истифода мешавад. | Воситаи банақшагирии кӯтоҳмуддат буда, иҷро накарданион метавонад сабаби имконпазир барои бекор кардани шартнома гардад. Аз тарафи дигари ҳуҷҷат  иҷро намудани нақша одатан ҳуҷҷатгузорӣ карда мешавад. |
| **Мундариҷа** | Тасвири ҳолати қитъаи ҷангал Таҳияи чорабиниҳо  оид ба қитъаи ҷангал. Кори умумии зарурӣ бо мақсади ноил шудан ба ин мақсадҳо. | Тасвири муфассали вазифаҳои  истифодабарандаи ҷангал дар давоми сол бо нишон додани макон ва замон барои ҳар як чорабинӣ. Муайян кардани ҷамъи ҳосили ба даст омада бо нишон додани ҳаққи МДХҶ ва истифодабарандаи ҷангал. |



| | Нақшаи идоракунӣ | Нақшаи солона |
|---|---|---|
| **Муносибат бо шартномаи  ИМҶ** | Қисмати расмии шартномаиИМҶ | Қисмати ғайрирасмии шартномаи ИМҶ |
| **Вақтитаҳия кардан** | Пас аз имзо кардани шартнома таҳия карда  мешавад. | Дар якҷоягӣ бо нақшаи аввалини идоракунӣ ва дертар дар охири ҳар сол таҳия карда  мешавад. |
| **Мониторинг** | Пас аз панҷ сол қитъа аз нав баҳо дода шуда нақшаи нави  идоракунӣ таҳия карда мешавад. | Кормандони МДХҶ қайд мекунанд, ки то кадом дараҷа чорабиниҳои  дар нақшаи солона муайяншударо иҷро намудааст. Дар охири нақшаи солона нишасти хотимавии мониторинг рушди корҳои истифодабарандаи ҷангалро баҳо медиҳад. Дар асоси ин мониторинг иқтидори беҳтаркунӣ баррасӣ шуда, нақшаи нави солона барои соли оянда тартиб дода мешавад. |

Намунаи нақшаи идоракунӣ, нақшаи солона ва мониторинги солона тавре тартиб дода шудаанд, ки кормандони МДХҶ ва истифодабарандагони ҷангал онро ба осонӣ фаҳмида, варақаҳоро пур карда метавонанд. Барои ҳамин онҳо асосан ворид намудани маълумотҳои чун «ҳа/не», «баланд/паст» ва монанди инҳоро талаб мекунад, ки гузоштани эзоҳотро иҷозат медиҳад.

Чорабиниҳои  маъмулии дар нақшаи солона нишондодашуда аз чораҳои муҳофизати қитъа аз чорвочаронӣ, кандани ҷӯйҳои начандон калони обёрикунанда ва тоза кардани ҷӯйҳои мавҷудбуда ё сохтани обанборҳо, шинонидани дарахтон ҷамъоварии ҳосил буридан ва тоза кардани шоххои дарахтон иборатанд. Баъдан, нақшаи солона ҳаққи МДХҶ ва истифодабарандаи ҷангалро аз  ҳосил, аз рӯи фоизи дар шартномабуда муайян мекунад.

Аввалин нақшаҳои идоракунӣ ва солона бояд бо кӯмаки сафарбаркунандагон / таблиғотчиён сурат гирад, то ки ҳар ду ҷонибҳо дар раванди тартиб додани нақша иштирок намоянд. Хеле зарур аст, ки банақшагирӣ на дар идораи МДХҶ ва на дар хонаи истифодабарандаи ҷангал, балки маҳз дар қитъаи ҷангал ба роҳ монда шавад, то ки ҳар ду ҷониб бевосита минтақаро аз назар гузаронида, корҳои зарурие, ки бояд иҷро карда шаванд, ба назар гиранд.

Дар рафти марҳилаҳои банақшагирӣ ва ҷамъоварии ҳосил хатари бастани созишномаи ғайрирасмӣ миёни истифодабарандаи ҷангал ва ҷангалбон вуҷуд дорад.Ҳамин тариқ вазифаи асосии сафарбаркунандагон / таблиғотчиён таъмини шафофият дар гузаронидани ин чорабинӣ мебошад.



# 3. Амалигардонии Идоракунии муштараки ҷангал

# 3. Амалигардонии Идоракунии муштараки ҷангал

Мусоидат дар бастани шартномаҳои ИМҶ танҳо қадами аввалин барои татбиқи муваффақонаи ИМҶ ба ҳисоб меравад. Он ҳадди ақал як соли дигар дастгирии берунаи истифодабарандагони ҷангал ва МДХҶ-ро барои мустаҳкам намудани ИМҶ аз ҳар ду ҷониб талаб мекунад. Ин қисмат унсурҳои асосии ИМҶ ва ҷанбаҳои заруриро дар доираи идоракунии оияндаи қитъаҳои ҷангал таҳти ИМҶ мефаҳмонад.

## 3.1. Мониторинги нақшаҳои солона

Кормандони МДХҶқайд мекунанд, ки чорабиниҳои дар  нақшаи солона муайяншуда аз тарафи истифодабарандаи ҷангал то кадом андоза иҷро мешавад. Мониторинги ниҳоии ҳарсола  ва таҳия кардани нақшаи солона барои соли оянда дар тирамоҳ (октябр-декабр) сурат мегирад. Барои ин кормандони МДХҶ ва истифодабарандагони ҷангал варақаро дар якҷояги пур мекунанд, то ки дастовардҳои ноилшуда бо нақшаи солона муқоиса карда шавад.

Мувофиқи талабот шартнома ичро накардан ва  ё риоя накардани шартҳои шартномаи ИМҶ ба бекор кардани он оварда метавонад. Вазнинии қоидавайронкунии нақшаи солона ва бекоркунии дарпешистодаи он барои истифодабарандаи ҷангал бояд шаффоф бошад қабули қарорҳои худсарона бояд пешгирӣ карда шавад.  Мувофиқи оинномаи ИМҶ пеш аз бекор кардани шартнома истифодабарандаи ҷангал бояд ду маротиба аз ҷониби сардори МДХҶ огоҳонида шавад.

Маълум шуд, ки барои мониторинги якҷояи маълумотҳо  нигаҳдории онҳо дар хазинаи маълумотҳои Excel хеле муфид мебошад. Ин ба кормандони МДХҶ барои додани маълумоти дуруст бо рақамҳо кӯмак мекунад, масалан, оид ба рушди ҷангал дар сатҳи боз ҳам баландтар ва дар айни замон ҳамчун воситаи ҳисоботдиҳӣ барои ташкилотҳои ғайридавлатии ёрирасон хизмат мекунад.

## 3.2. Машварат (маслиҳат) и техникӣ

Бисёре аз истифодабарандагон дар соҳаи хоҷагии ҷангал таҷриба надоранд, аз ҳамин сабаб дастгирии онҳо бо маслиҳатҳои техникӣ шароити зарурӣ барои идоракунии самараноки қитъаҳои ҷангали ба онҳо вобасташуда ба шумор меравад. Ин чорабинӣ аввал вазифаи ҷангалбонони маҳаллӣ ё муҳандиси МДХҶ мебошад. Сафарбаркунандагон/ тарғиботчиён  барои ташкили чорабиниҳои омӯзишӣ барои истифодабарандагони ҷангал дар доираи  ИМҶ ба МДХҶ бояд кӯмак намоянд. Сафарбаркунандагон/ тарғиботчиён  дар сурати надоштани донишҳои зарурӣ метавонанд ҳам бо истифодабарандагон ва ҳам бо кормандони МДХҶ омӯзиш гузаронанд.

Ин албатта, барои баланд бардоштани сатҳи дониши ҷангалбонони маҳаллӣ дар мӯҳлати начандон дароз ва дурудароз хеле муҳим аст. Барои ин бояд аз ҷониби  МДХҶ дастгирӣ ёфта маслиҳад дода шавад, ки ҷанагалбонони он дар курсҳои  тайёрии касбии омӯзишӣ иштирок намоянд. Чунин курсҳо имрӯзҳо дастрас мебошанд ва аз тарафи Маркази омӯзиши калонсолон ё  ташкилотҳои махсус чун ҶДММ «Таджиклессервис»  метавонанд пешниҳод гарданд.

Дар ин замина дастгирии МДХҶ вобаста ба дигар намудани фаҳмиши   танзими ҷангалва моҳияти идоракунии ҷангал, ки истифодабарандагони ҷангалро дастгирӣ ва назорат мекунад, хеле муҳим мебошад. Танҳо дастгирии пайваста метавонад дар онҳо фаҳмишро оид ба нақш, масъулият ва имкониятҳои техникии онҳо хамчун асоси истифодаи ҷангал дар заминаи ИМҶ  ва берун аз он рушд диҳад.

Омӯзиши техникӣ барои истифодабарандагони ҷангал метавонад инҳоро дар бар гирад:

- **Омӯзиши методҳои ҷангалпарварӣ:**

МДХҶ ва сафарбаркунандагон/ тарғиботчиён истифодабарандагони ҷангалро дар шинонидан, девор/ тавора кашидан, буридани дарахтон ва тайёр намудани захираи маҳсулотҳои ғайричӯбии ҷангал аз қабили хуч ва ангат дастгирӣ мекунанд. Ин гуна омӯзишҳо метавонанд барои тамоми сокинони деҳа ба ҳамаи аъзоёни ҷамъият – иштирокчиёни ИМҶ, ки дар боғҳои хусусии худ бо мақсади расонидани фоида дарахт парвариш мекунанд, пешниҳод карда мешавад.







- **Омӯзиши идоракунии ниҳолхона:** Ниҳолхона дар майдончаи алоҳида ташкил кардашуда барои дар оянда таъмин намудани ниҳолҳои шинондашаванда имкон фароҳам меоварад. Омӯзишҳои махсус дар ниҳолхонаҳои начандон калони хусусӣ барои истифодабарандагони ИМҶ ва инчунин дигар шахсони манфиатдор берун аз доираи ИМҶ метавонад муфид бошад. Хусусан, ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда метавонад имкони даромадро фароҳам созад. Бо вуҷуди ин, ба талаботи умумии истифодабарандагони ҷангал нисбати ғанӣ гардонидани қитъаҳои худ бо дарахтони мевадиҳанда бояд эҳтиёткорона муносибат кард, зеро шинондани дарахтони мевадиҳанда дар заминҳои фонди ҷангал фарқияти хоҷагии ҷангалро аз боғпарварӣ нобуд месозад. Мутахассисони ботаҷриба барои идоракунии ниҳолхонаҳо аз ниҳолхонаи Ваҳдат вуҷуд доранд.

- **Омӯзиши ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои кормандони МДХҶ:** Дар бисёри ҳолатҳо кормандони МДХҶ малумот/ дониши кам дар бораи пешбурди хоҷагии ҷангал доранд. Дониш оиди ҳуқуқу ӯҳдадориҳо, ки ҷузъи масъулияти онҳо ба ҳисоб меравад, дода нашудааст. Омӯзиш дар ҳамин самт ба ҷанагалбонони маҳаллӣ бехатариро дар робита бо истифодабарандагони ҷангал таъмин менамояд. Мутахассисони бомаҳорат метавонанд аз ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ё ҶДММ «Таджиклессервис» ҷалб карда шаванд.

- **Омӯзиши муҳофизати гуногунии биологӣ ва идоракунии дарахтони мевадиҳандаи нодир:** Омӯзишҳои ихтисоснок дар ин самт метавонанд аз ҷониби Пажуишгоҳии боғпарварии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар Душанбе ва ё ҶДММ «Таджиклессервис» гузаронида шаванд.

Маводҳои зиёди омӯзишӣ аллакай дастрас мебошанд: Дастур оиди усулҳои пешбурди хоҷагии ҷангал дар ҷангалҳои туғайзор барои бисёр истифодабарандагони ҷангал тартиб ва тақсим карда шуд. Ғайр аз ин дастур барои намудҳои муҳими дарахтон дар ҷангалҳои ҷормағзу мевагии Ховалинг ва «Муайянкунандаи кисагӣ» оиди тамоми намудҳои дарахтон ва буттагиҳо тартиб дода шудаанд. Барои идоракунии махсуси пистазорҳо дастури кӯтоҳе дар бораи усулҳои асосии идоракунӣ ва парвариши плантатсияҳои пистатартиб дода шуд.

## 3.3. Дастгирии молиявӣ барои идоракунии ҷангал

Аксар вақт маблағ барои дастгирии татбиқи идоракунӣ ва нақшаи солонаи ИМҶ ё нақшаҳои чорвочаронӣ (нигаред ба боби 3.5) ва ҳавасмандгардонии зарурӣ лозим мешаванд. Намудҳои маъмултарини фаъолиятхо, ки дар он чун қоида дастгирии молиявӣ зарур аст, инҳо мебошанд:

- **Рушди ниҳолхона:** Ниҳолхонаи дар майдончаи алоҳида ташкил кардашуда барои дар оянда таъмин намудани ниҳолҳои шинондашаванда имкон фароҳам меоварад. Одатан маблағ барои масолеҳи сохтмонӣ ва тухмиҳои баландсифат зарур аст.



- **Таъминоти тухмиҳо ва ниҳолҳо:** Дар сурате, ки тухмиҳои босифат парвариш карда нашаванд ва ниҳолҳо аз ҷониби истифодабарандагони ҷангал интихоб карда нашаванд, онҳоро аз МДХҶ ё бо роҳи дигар дастрас намудан мумкин аст.

- **Таъминот бо дастгоҳҳои махсус:** Масалан, асбобҳои сифати хубдошта барои қайчӣ кардан, буридан ё воситаҳои нақлиёт аз қабили мототсикл ё велосипед барои осон намудани рафтуомад дар минтақа.

- **Чораҳои инфрасохторӣ дар самти ҷангалпарварӣ, барқарорсозии ҷангал, муҳофизат ва истифодаи устувор:**

- **Барқарорсозӣ, сохтмон ва нигаҳдории каналҳои обёрикунанда** ё обанборҳо. Мақсад аз он, ки ба баландиҳои калон бароварда шуданиоби чашмаҳо барои ба таври кофӣ обёрӣ намудани заминҳои хоҷагии ҷангал ва ё нигоҳдории чашмаҳо ва захираи об иборат аст.

- **Сохтани дарғотҳо (дамбаҳо) дар ҷангалҳои наздисоҳилӣ.** Ин аксар вақт аз ҷониби мардум ба сифати шарти пешакӣ барои ҳамроҳ шудан баидоракунии ҷангал дар доираи ИМҶ талаб карда мешавад. Хатари пешгирӣ накардани такроран омадани сел, ки натиҷаҳои идоракунии ҷангалро нест мекунад, мавҷуд аст.

- **Сохтани тавораҳо.** Товора кашидани қитъаҳои алоҳида тавсия дода намешавад, аммо товора кашидани якчанд қитъа ё қитъаи масоҳаташ калон танҳо аз тарафе ки хатари даромадани чорво вуҷуд дорад, иҷозат дода мешавад. Масалан, қад-қади роҳе, ки аз он чорво мегузарад.

- **Волер (загон) барои боздоштани чорвоён.** Одатан чунин велерҳо сохта мешаванд, масалан, дар Панҷакент, дар деҳаи Шоҳбод. Онҳо аз тарафи истифодабарандагони ҷангал бо мақсади пешгирии чорвочаронии ғайриқонунӣ ва боздоштичорво то муайян кардани соҳибони онҳо ба кор бурда мешаванд.

- **Товора кашидани минтақаҳои мониторинг.** Товора кашидани қитъаи начандон калон барои нишон додани оқибатҳои фалокатовар аз чорвочаронӣ, ки аз як тараф метавонад истифодабарандагони ҷангалро барои ҳифзи ҷангал равона созад ва аз тарафи дигар барои назорат кардани натиҷаҳои чораҳои муҳофизатӣ имкон медиҳад.

- **Ҷангалбон (боғбон).** Дар сурати ба ҷамъиятҳо вобаста будани қитъаҳои калониҷангал, ҷалгалбонбарои назорат бурдан, то ки ҳайвони калони шохдор дуртар аз қитъаиҷангал нигоҳ дошта шавад, аз ҷонибиҷомеакиро ва пардохт карда мешавад. Дар ҳолате, ки ҷомеа ин имкониятро надорад ва ё ба таври кофӣ боварӣҳосил накардааст, маоши ин гуна ҷангалбон аз ҳисоби Китоби нигоҳдории суратҳисобиҷомеа

пардохт ва аз ҷониби ташкилотҳои донорӣ маблағгузорӣ карда мешавад. Ин кор дар ҷангалҳои арчазори хоҷагииҷангали Панҷакент, дар деҳаи Зимтуд иҷро шудааст.

- **Нуқтаҳои нигоҳдоштиҳезум,** чӣ тавре ки дар минтақаи ҷангалпарварии Ишкошим (ВМКБ) барои мусоидат ба савдои қонунииҳезум сохта шудаанд.

- **Таҷҳизоти ҷамъоварӣ, коркард** ва хушккунӣ барои вусъат додани фоида аз маҳсулотҳои ғайричӯбии ҷангал.

**• Чораҳои инфрасохторӣ дар самти вусъат додани маҳсулнокии чарогоҳҳо ё дастрасӣ ба майдонҳои алтернативии чорвочаронӣ ва ё хӯроки ҳайвонот:**

- **Нуқтаҳои обнӯшӣ барои чорвои калони шохдор.** Ҳангомидар консепсияи якҷоякунии чарогоҳҳо нуқтаҳои обнӯшии чорвои калони шохдор метавонад барои идоракунии мавҷудияти чорвои калони шохдор дар минтақаҳои берун аз фонди ҷангал истифода шавад.

- **Азнавкишткунии табиӣ** ва сунъйбарои вусъат додани маҳсулнокии чарогоҳҳо.

- **Сохтани/ таъмири пулҳо** барои осон намудани дастрасӣ ба чарогоҳҳои дуртар аз минтақаҳои ҷангал ҷойгирбуда.

- Киро кардани **ҷӯпони касбӣ.**

**• Усули Дафтарчаи нигоҳдории амонат:** Дар он ҷое ки усули ИМҶ ҳамчун усули идоракунии устувори захираҳои ҷангал ба манфиатҳои мардум афзалияти кофиро таъмин намекунад, барои ҳавасмандгардонии онҳо пешбурди чорабиниҳои ҷанаглпарварӣ ба таври мустақим маблағгузорӣ карда мешаванд. Усули «Китобчаи нигоҳдории амонат (ДНА)» дар асоси консепсия, ки натиҷаи он бунёди ҷангал дар 20 га қитъаи замини беҳосил, дар ҷомеаи Вужи ВМКБ озмоиш шудааст. Зиддияти усулҳои ДНА ва ИМҶ-ро ба назар гирифта, дар доираи як ҷамъият якҷоя кардани онҳо душвор аст. Усули «Дафтарчаи нигоҳдории амонат», инчунин дар деҳаи Зимтуди (ҷамоати Вору) шаҳриПанҷакент барои пардохти маблағи музди меҳнати ҷангалбон ва сохтмони обанбор ба кор бурда шуда буд.

Вақте, ки аз тарафи ҷомеа маблағгузории инфрасохтор ё масолеҳ бо тарзи дар боло зикршуда пурсида мешавад набояд фаромӯш кард, ки усули ИМҶ онро дар назар дорад, ки МДХҶ ва Истифодабарандагони ҷангал дар якҷоягӣ амалӣ намудани чораҳои заруриро оид ба сохтмон ва барқарор кардани инфрасохтор дар шакли молиявӣ ва ё дигар намуди саҳмгузорӣ дастгирӣ намоянд.

Таҷрибаи солҳои охир нишон дод, ки дар заминаи мусоидати ИМҶ ва тарафдории усули мазкур аз ҷониби ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ташкилотҳои донорӣ вобаста ба дастгирии молиявӣ барои рушди инфрасохтор ва натиҷаи пардохти иҷрои нақшаҳои корӣ (усули ДНА) аксар вақт дар миёни шахсони алоҳида, ҷомеа ва МДХҶ одати интизории аз буд зиёдро ба пеш меорад. Натиҷа ин буд, ки хоҳиши иштироккунандагони ИМҶ оиди давом додани иштироки онҳо дар ИМҶ пас аз анҷоми дастгирии молиявӣ хеле кам шуд.

Фаъолиятҳое, ки қаблан ба сифати саҳми Истифодабарандагони ҷангал ва ё МДХҶ дар нақшаи идоракунӣ мувофиқа кунонида шуда буданд, масалан, таворакашӣ, кабудизоркунӣ ва ғайра, пешниҳод карда мешавад, ки пардохт шаванд. Барои пешгирӣ намудани чунин ҳолатҳо дастгирии молиявӣ барои ҳолатҳое, ки пардохти якҷояи истифодабарандагон ва МДХҶ роҳи ҳалли масъала буда наметвонад, маҳдуд карда шавад.

## 3.4. Ҷамъоварӣ ва фурӯши маҳсулоти ҷангал

Намуд ва њаљми маҳсулоти ҷангал, ки аз ҳисоби заминҳои истифодабарандагони ҷангал ҷамъоварӣ карда мешавад, дар нақшаи солона дарҷ мегардад. Истифодабарандаи ҷангал ва ҳоҷагии ҷангал тақсимоти маҳсулоти ҷангалро, ки аз заминҳои истифодабарандагони ҷангал аз рўи қарордоди ќаблї, ки дар шартнома оиди ИМҶ омадааст, ба роњ мемонанд. Тавре дар қонунгузорӣ оиди ИМҶ омадааст, муайян намудани саҳм аз ҳосил бисёр мушкил мебошад.







Зеро саҳм аз маҳсулоти ҷангал вобаста буда, он дар муддати қарордод дар бисёр маврид метавонад таѓйир ёбад. Тавсия дода мешавад, ки механизми муайян намудани саҳмро бояд ба қадри имкон содда ва осон намуд. Барои беҳтар намудани бозори маҳсулоти ҷангал, ки он имконияти баланд бардоштани даромадро аз раванди ИМҶҳам барои хоҷагии ҷангал ва ҳам барои истифодабарандагони ҷангал фароҳам меорад, таҳлили бозори масолеҳи ҷангалро гузаронидан зарур мебошад. Имконият ва мушкилиҳои аксарияти маҳсулотиҷангал дар зер оварда шудааст:

**Ҳезум:** Қишлоқҷойҳо ва минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон ҳамчун минтақаҳои талаботашон ба њезум зиёд муайян шудаанду:

- Сохторҳои ҷамъиятӣ ба монанди мактабҳо, биноҳои маъмурӣ, қисмҳои ҳарбӣ, ки аз ҳисоби буҷаи давлат барои хариди сӯзишворӣ, махсусан ҳезум маблаѓ мегиранд.

- Хонаводаҳо дар қишлоқҷойҳо. Аксарияти хонаводаҳо ҳезум барои сузишвориро аз ҳудуди ҳавлии худ дастрас менамоянд. Аммо, баъзеи онҳо мӯҳтоҷи ҳезуми сӯзишвории иловагӣ мебошанд. Онҳо ҳезумро аз истифодабарандагони ҷангал харидорӣ менамоянд ва ё бо таври ѓайриқонунӣ аз ҷангал бурида мебаранд.

- Қисми зиёди хонаводаҳое, ки дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд, то ба ҳанӯз барои пухту паз ва инчунин гарм намудани хонаҳо аз ҳезум истифода мебаранд. Онҳо ҳезумро аз боѓҳои шахсии худ, ҳамсоя, хешу таборе, ки дар шаҳр зиндагӣ мекунад ва ё аз деҳот хезумро харидорӣ мекунанд.

Талаботи зиёд ва ҷудо намудани маблаѓ аз ҳисоби буҷаи давлат барои харидории ҳезум ба ташкилотҳои маъмурӣ, ин имконияти ба роҳ мондани истеҳсоли ҳезум, пешгирӣ намудани буриши ѓайриқонунӣ ва ҳавасмандгардонии истифодабарандагони ҷангал мебошад.

Таҷриба дар н.Ишкошим нишон дод, ки бастани шартнома бо гурӯҳи истифодабарандагони ҷангал (дар якҷоягӣ таъмин намудани талабот) ва як ташкилоти маъмурӣ оиди таъмин намудани он бо ҳезум дар асоси пардохт намудани маблаѓи солона имкон дорад. Тавсия дода мешавад, ки чунин шартномаҳо ҳарчи зудтар дар аввали сол баста шаванд.Баъд аз тайёр намудани ҳезум истифодабарандаи ҷангал саҳми ҳезуми хоҷагии ҷангалро ба хоҷагии ҷангал ва саҳми худро ба нуқтаи ҷамоварии ҳосил меорад. Ҳезуми ҷамъоваришуда дар он ҷо нигоҳ дошта шуда, хушк карда мешавад. Пас аз он ҳезум ба ташкилотҳои маъмурӣ ва шахсони ҷудогона фурӯхта мешавад.

Яке аз мушкилоти асосии рушди бозори озоди фӯруши ҳезум ин муайян намудани нархи ягонаи ҳезум мебошад, ки аз тарафи давлат муқаррар мегардад. То ҳанӯз ин масъала ҳалли худро наёфтааст.

**Меваҷот ва чармаѓз:** Ҷангалҳои воқеъ дар ноҳияҳои Ховалинг, Мӯъминобод ва Шӯрообод истеҳсолкунандаи як қатор меваҷот ба монанди Себ, Нок, Олу, олуча, ангат ва чормаѓз низ ҳастанд. Лекин аз ҷиҳати иқтисодӣ даромадноктарини онҳо, албатта, чормаѓз мебошад.

Талабот барои хариди чормаѓз чӣ аз тарафи харидорони маҳаллӣ (асосан миёнаравҳо) ва харидорон аз дигар минтақаҳои Тоҷикистон зиёд мебошад.

Дар зинаи аввал барои инкишоф додани истеҳсол ва ба бозор баровардани маҳсулоти ҷангал, хусусан меваҷот, зарур аст, ки истифодабарандагони ҷангалро дар ба роҳ мондани технологияи нави ҷамъоварии ҳосил ва хушк кардани онҳо кӯмак намуд, ки ин сифатнокии маҳсулотро баланд мебардорад. Танҳо пас аз ин, он маҳсулот метавонад рақобати хуб пайдо намояд. Инчунин, якҷоя намудани истифодабарандагони ҷангал ҷиҳати ба роҳ мондани маркетинги муштарак имконияти ба бозорҳои калон дастрасӣ пайдо намудани онҳоро фароҳам меоварад. Онҳо метавонанд, ки бе миёнаравҳо ба бозорҳои калон роҳ ёфта, фоидаи бештаре ба даст оранд.

**Писта:** Мавсими ҷамъоварии писта барои он, ки сифатнокии он аз даст наравад, хеле муҳим мебошад. Истеҳсолкунандагони писта ин хоҷагиҳои чангали воқеъ дар қисмати ҷанубии вилояти Хатлон мебошанд. Асосан, дар ҷамъоварии писта мардуми маҳаллӣ дар асоси шартномаҳои мувақќатӣ, ки фоизи муайяни ҳосил ба онҳо дода мешавад, ҷалб мегарданд. Хоҷагии ҷангал саҳми худро ба тоҷирони дохилӣ ва беруна







мефурӯшанд. Боқимонда маҳсулоти писта ба бозорҳои дохилӣ бароварда мешаванд. Бояд қайд намуд, ки талабот ба писта чӣ дар дохил ва чӣ берун аз кишвар вуҷуд дорад. Истифодабарандагони ҷангал саҳми худро, ки аз заминҳои таҳти идоракунии муштарак қарордошта ба даст меоранд, ба хоҷагии ҷангал ва ё бозорҳои маҳаллӣ мефурӯшанд.

**Растаниҳои шифобахш:** Растаниҳои шифобахш ба монанди зира ва ферула (камоли бадбӯй) имконияти ба даст овардани фоидаро барои истифодабарандагониҷангал, то замоне, ки фоида аз ҳисоби корҳои бунёд ва барқарорсозӣ дар ҷангал ба даст меояд, фароҳам хоҳад овард. Новобаста аз ин ҷамъоварии онҳоро тарзе бояд ба роҳ монд, ки ба фарсудашавии он растаниҳо оварда нарасонад. Тавсия дода мешавад, ки истифодабарандагони ҷангалро дар азнавшинондани он растаниҳои шифобахш дастгирӣ бояд намуд. Истеҳсоли растаниҳои шифобахш дар минтақаҳое, ки ҷангалпӯш нестанд, ҳавасмандиро ҷиҳати ҳифз намудани ҷангал аз чаронидани чорво зиёд мегардонад.

## 3.5. Идоракунии ихтилофот

Истифодабарандагони ҷангал бахри пурзӯр намудани вазифа ва ӯҳдадориҳои худ ҷиҳати ҳифз намудани қитъаи ҷангали худ кӯшиш менамоянд. Масалан, таҷриба оиди вайрон намудани қонунгузорӣ дар бораи чаронидани чорво нишон дод, ки дар рӯзҳои аввали пас аз ба имзо расидани шартномаҳо оиди ИМҶ ихтилофот байни истифодабарандагони ҷангал ва шахсоне, ки дорои шартнома оиди ИМҶ нестанд ва ё деҳаҳои ҳамсоя, дида мешуд.

Баъдтар бошад, замоне ки амалигардонии раванди ИМҶ авҷ гирифт, ихтилофот ҳатто байни истифодабарандагони ҷангал ва хоҷагиҳои ҷангал сар зад. Ин, албатта, ҳолати муқаррарӣ мебошад. Зеро вақте ки хоҷагии ҷангал барои гузаронидани мониторинги нақшаи солона ва нақшаи идоракунӣ, ки байни хоҷагии ҷангал ва истифодабарандаи ҷангал ба имзо расидааст ва миқдори саҳми тарафайн аз ҳосил муқаррар гардидааст, сар мезанад. Кормандони хоҷагии ҷангал дастрасї ба идоракунии ҷангалро аз солҳои пеш доштанд, мехоҳанд дубора баргарданд, ки ин маънои онро дорад, онњо вазифа ва ӯҳдадориҳои худро нисбат ба ИМҶ эҳтиром наменамоянд.

Дар зер, ихтилофоте ки дар бисёр мавридҳо сар задаанд ва роҳҳои аз байн бурдани онҳо пешниҳод мегардад.

- **Буриши ғайриқонунии дарахтон аз тарафи аҳолии деҳоти ҳамсоя, ки истифодабарандаи ҷангал нестанд:** Дар бисёр мавридҳо онҳо буриши ғайриқонуниро дар он минтақаҳои ҷангале, ки пештар мегузаронианд, давом медиҳанд. Ихтилофот танҳо тариқи пурзӯр намудани мубодилаи маълумот байни кормандони хоҷагии ҷангал ва истифодабарандагон аз як тараф ва тарафи дигар бо тамоми аҳолии деҳот мебошад. Дар ҳолати зарурӣ аз мушовирони берунї бояд истифода бурд. Дар ҳолати ихтилофот, ҳама вақт шартнома оиди ИМҶ-ро истифода бояд бурд. Дар Созишномақайд гардидааст, ки тамоми деҳа розӣ аст, ки дар раванди ИМҶ иштирок намоянд ва истифодабарандагон ҷиҳати нигоҳубин ва идоракунии устувори қитъаи алоҳидаи ҷангал вазифадор карда мешаванд. Хуб мешуд, агар хонаводаҳое, ки аз имзо намудани шартнома даст кашидаанд, фикрҳои негативии худро дар вохӯрии деҳа иброз намоянд (ба банди 2.2 нигаред).

- **Чаронидани ғайриқонунии чорво дар минтақаҳои ҷангали таҳти ИМҶ қарордошта:** Дар Кодекси ҷангал(2011, моддаи 59) ва шартномаҳои оиди ИМҶ дарҷ гардидааст, ки ҳамагуна чаронидани чорво манъ аст. Зеро он метавонад ба навдаҳои нав нашъунамоёфтаи дарахтон ва ба сабзиши ояндаи онҳо дар ҷангал зарар расонад. Ба ин нигоҳ накарда, дар бисёр деҳот, аҳолии маҳаллӣ чорвои хонагии худро дарҳудуди ҷангал мечаронанд, алалхусус дар фасли зимистон ва аввали баҳор, замоне ки чарогоҳҳои алтернативӣ вуҷуд надорад ва ё захираи коҳ ба охир мерасад. Вақте ки чорво дохили китъаҳои ИМҶ мегарданд, кормандони хоҷагии ҷангал аз онҳо ҷарима ситонида, агар китъа таҳти назорат қарор надошта бошад. Ҳангоми пайдо намудани ҷорвое, ки ғайриқонунї чаронида мешавад, онҳо муваққатан “ҳабс” карда мешаванд. Ба он хотир, ҷойҳои махсус барои муваққатан, то пайдо гардидани соҳиби чорво, “ҳабсхонаи чорво” бояд сохта шавад. Дар сурати напардохтани ҳаққи ҷарима, масъала ба барои чора андешидан, ба суд супорида мешавад. Имконияти пурзӯр намудани назорати чарондани







ғайриқонунӣ маҳдуд мебошад. Зеро кормандони ҳоҷагии ҷангал аз сабаби надоштани наќлиёт имконияти ҳар рӯз ба минтақаҳо, ки дур аз деҳа воқеъ гардидаанд, рафта наметавонанд. Инчунин, онҳо намехоҳанд муносибати худро бо ҳамдеҳагони худ вайрон намоянд ва дар бисёр мавридҳо масъалаҳо ба суд равона карда намешаванд.Барои ҳалли масъала, зарур аст, ки дар байни қатори дарахтон алафҳои ҳархела кишт карда, захираи алафро барои зимистон аз он ҳисоб зиёд бояд кард. Замоне ки чаронидани чорво сабаби ихтилоф мегардад, бояд нақшаи идоракунии чарогоҳ/нақшаи чарогоҳ аз тарафи соҳибони ҷорво ва гурӯҳи истифодабарандагони ҷангал омода гардад. Барои амалӣ гардидани нақшаи мазкур бояд маблағҳои иловагӣ баҳри омода кардани ҷарогоҳҳои иловагӣ ва беҳтар намудани ҳосилнокии ҷарогоҳҳои феълӣҷудо гардад.

- **Талаботи хоҷагии ҷангал оиди истифодаи шартномаҳои пешин:** Дар бисёр қисматҳои Тоҷикистон идоракунии ҷангал тариқи мувофиқаҳои ғайрирасмӣ (шифоњї) ва ё ним расмӣ (шартномаи нопурра) оиди истифодаи захираҳои ҷангал сурат мегирад (ба банди 1.1 Сафари саҳрой). Чунин шартномаҳо (шифоњї ва нопурра) мисли аз шартномаҳо оиди ИМҶқувваи қонунӣ надоранд. Вақте ки шартномаҳои оиди ИМҶ ба имзо мерасанд, онҳо дар бисёр маврид шартномаҳои муқаррарии пешинро иваз менамоянд, ки аз тарафи кормандони хоҷагии ҷангал хуб қабул карда намешаванд. Дар мавсими ҷамъоварии ҳосил хоҷагиҳои ҷангал, ки бояд уҳдадориҳои худро аз рӯи нақшаи идоракунї иҷро намоянд, баъзан вақт шарномаҳо оиди ИМҶ-ро рад намуда, аз шартномаҳои пешина истифода менамоянд.Сабаби асосии он ин аз тарафи Агентии хоҷагии ҷангал муайян гардидани ҳосили ҷангал бе назари амиқ, мебошад. Дар ин маврид зарур аст, ки дастгоњи роҳбарикунандаи хоҷагии ҷангал бо тамоми кормандони худ ҷиҳати амиқ фаҳмидани ИМҶ ва ба даст гирифтани раванди ИМҶ тасмим гиранд. Ҳамзамон, дастгоњи роҳбарикунандаи хоҷагии ҷангал бояд омодагӣ ва хоҳиши амалї гардонидани ИМҶ-ро нишон дода, тамоми монеаҳое, ки аз тарафи кормандон ҷиҳати амалӣ гардидани ИМҶ сар мезананд, бояд аз тарафи дастгоњи роҳбарикунандаи ҳоҷагии ҷангал пешгирӣ карда шавад.

- **Иҷро нагардидани уҳдадориҳо аз тарафи истифодабарандагони ҷангал:** Дар сурате ки истифодабарандаи ҷангал аз ӯҳдаи вазифаҳое, ки дар нақшаи солона омадаанд, набарояд, он натанҳо ба раванди бунёди ҷангал, балки ба муносибати дигар истифодабарандагон таъсири бад мерасонад. Мувофиқи Низомнома оиди ИМҶ МД ҳоҷагии ҷангал бояд пеш аз он, ки шартномаро бо чунин истифодабарандагон ќатъ намояд, бояд 2 огоҳӣ ба онҳо ирсолнамояд.

- **Андоз:** Мувофиқи Низомнома оиди ИМҶ, истифодабарандаи ҷангал вазифадор аст, ки андоз аз ҳисоби даромад супорад. Аз хоҷагии чангал талаб карда шудааст, ки андози даромадро барои тамоми заминҳои фонди ҷангал, аз ҷумла аз заминҳои таҳти ИМҶқарордошта супорад, дар сурате, ки андоз аз истифодабарандагон талаб карда шавад. Аз ин лиҳоз, дар оянда ҳоҷагии ҷангал тасдиқи хабарномаи андозро аз истифодабарандагон талаб хоҳад намуд.



## 3.6. Таъсиси Гурӯҳи Истифодабарандагони Ҷангал

Дар бисёр манотиқи Тоҷикистон ташкилотҳои ҷамъиятии деҳот ба монанди кумитаи маҳал ё ташкилоти маҳал ва ё мутаносиб ба онҳо бо мақсади рушди маҳал вуҷуд доранд. Зергурӯҳҳои гуногун аз ҳисоби аҳолии деҳа барои кӯмак намудан љињати амалї намудани тасмимҳо, алалхусус, баҳри идора намудани боигариҳои табиии деҳа. ба монанди зергурӯҳи кор бо занон, барои пешбурди корҳои вобаста ба хоҷагии қишлоқ ва чарогоҳташкил карда мешаванд.

Идеяи ташкили Гурӯҳи истифодабарандагони ҷангал (ГИҶ) дар деҳоте, ки раванди ИМҶ фаъол аст, мављуд мебошад. Дар минтақаҳое, ки аллакай ташкилоти маҳал вуҷуд дорад, зарурат ба ташкили гурӯҳи алоҳидаро надорад. Онҳо метавонанд ҳамчун зергурӯҳ амал намоянд. Аъзоёни ГИҶ дар якҷоягӣ метавонанд идоракунии ҷангал, беҳтар намудани шабакаи обтаъминкунӣ, мониторинги муштараки нақшаҳои солона ва ташкили ситонидани ҷаримаро аз худсарона чаронидани чорво ва буриши ғайриқонунӣ ба роҳ монанд. Илова бар ин паҳн намудани маълумот оиди ИМҶ дар деҳа ва ҳал намудани ихтилофоти байни истифодабарандагони ҷангалро ба роҳ монанд.

Дар бисёр деҳаҳо, истифодабарандагони ҷангал қариб аз як сохтор баҳри идоракунии китъаҳои ҷангали худ истифода мебаранд. Ба монанди:

- Корҳои якҷоя дар сохтмон ва таъмири шабакаҳои обтаъминкунӣ ва ё тартиб додани нақшаи чарогоҳ ва нигоҳубин;

- Агар онҳо садгузории босифату умумї дар ҳудуди қитъаҳои ҷангали худ дар якҷоягӣ созанд, онҳо метавонад вақт ва корро сарфа намоянд;

- Ба фурӯш баровардани саҳми худ аз ҳисоби маҳсулоти ҷангал дар якҷоягӣ метавонад имконияти фароҳам овардани фоидаи иловагиро (бештар) дорад. Ин асосан бисёртар ба минтақаи дурдаст, ки дастрасии онҳо ба бозорҳо калон маҳдуд мебошад, хос аст.

Ба ғайр аз ин, роҳбари ГИҶ ҳамчун миёнарав байни хоҷагии ҷангал ва истифодабарандагони ҷангал баромад мекунад. Ҷангалбонҳои маҳаллӣ тамоми масоилро дар якҷоягӣ бо раиси ГИҶ дида баромада ва дар навбати худ раиси ГИҶ маълумотро ба дигар аъзоён, истифодабарандагон мерасонад. Фаъолияти баъзе аз гурӯҳҳои истифодабарандагони ҷангал қаноатбахш мебошад ва баъзе аз онҳо ғайриқаноатбахш мебошад. Гурӯҳҳое хуб фаъолият менамоянд, ки соњиби роњбарони ќудратманд (ботаҷриба ва корчаллон) мебошанд ва афзалияти кор намуданро дар гурӯҳ нағз дарк намудаанд. Гурӯҳи Истифодабарандагони Ҷангали деҳаи Лангари н. Ишкошим мисоли хуб шуда метавонад. Дар умум хоҳиши аҳолии деҳа дар ташкили ГИҶ, ҳамчун як зергурӯҳ бояд ба назар гирифта шавад.



## 4. Гуфтугӯи озод  оид ба ИМҶ

# 4. Гуфтугӯи озод  оид ба ИМҶ

Кормандони Агентии хоҷагии  ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаҳои давлатии хоҷагии ҷангал, ташкилотҳои ғайридавлатии маҳаллӣ ва байналмилалӣ дар тақвият ва шинос намудани ИМҶ дар манотиқи гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми зиёд доранд. Дар якҷоягӣ онҳо метавонанд дониши мукаммал ва таҷрибаи хосро нисбати амалигардонии ИМҶ пурзӯр намоянд.

Мубодилаи таҷриба ва сафарҳои тарафайни ташкилотҳо, кормандони Муассисаи давлатии ҳоҷагии ҷангал ва Агентии хоҷагии ҷангал, ки дар амалӣ гардонидани ИМҶ иштирок менамоянд, имконияти дар якҷоягӣ дида баромадани мушкилоти идоракунии ҷангалро фароҳам меорад. Ҳар як Ташкилоти ғайридавлатии башардӯстона таҷрибаи хоси ҳамкорӣ бо ташкилотҳои давлатиро дар минтақаҳои кории худ, доро мебошад.

Инчунин равобити ҳамкориро бо Агентии хоҷагии ҷангал, воқеъ дар ш.Душанбе пурзӯр бояд намуд. Баъди ҷудо гардидан аз Кумитаи Муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014 ва ташкилёбии Агентии хоҷагии ҷангал, хоҷагиҳои ҷангал ҳамчун Муассисаи давлатӣ гардида, ҳуқуқи баррасӣ ва ҳал намудани бисёр масъалаҳои хоҷагидориро пайдо намуданд. Нособаста аз ин, то ба ҳанӯз баъзе аз иртиботи расмӣ ва ғайрирасми пешин байни  Агентии хоҷагии ҷангал ва Муассасаҳои давлатии хоҷагии ҷангал вуҷуд дорад. Фаъолиятҳое, ки равобитро байни ташкилотҳои дохили сохтори ҷангал ва кормандоне, ки бевосита дар саҳро кор менамоянд, мустаҳкам намояд:

• Ташкил намудани маҷлисҳои мунтазам бо ҷалби ташкилотҳое, ки ба ИМҶ таваҷҷуҳ доранд ва ё дар он бевосита иштирок менамоянд. Иштирокчиён, асосан, мутахассисони Муассисаи давлатии хочагии ҷангал, Агентии хочагии ҷангал, олимони соҳа ва кормандони саҳроии ташкилотҳои ғайридавлатӣ шуда метавонанд.

• Мубодилаи сафар байни кормандони хоҷагиҳои ҷангал ва намояндагони гуногуни ГИҶ. Тавсия дода мешавад, ки ин фаъолият дар рӯзҳои аввали амалигардонии ИМҶ гузаронида шавад то иштирокчиён бо корҳои амалӣ шинос гарданд.

• Гузаронидани тренингҳо (машғулиятҳо) барои кормандони Агентии хочагии ҷангал (ниг ба банди 2.2). Масалан, дар мавзӯи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кормандон дар муҳити нав, баъди ворид гардидани тағйиротҳо дар соҳаи ҷангал.

• Иштироки кормандони МДХҶ ва истифодабарандогони ҷангал дар омузишҳои муштарак, масалан оиди истифодаи GPS ва ё таҳияи нақшаи идоракунӣ.










# 5. Рӯйхати коршиносон ва ташкилотҳо

# 5. Рӯйхати коршиносон ва ташкилотҳо

То имрӯз мутахассисон ва ташкилотҳои ғайридавлатии зерин дар тақвият ва амалигардонии ИМҶ дар Тоҷикистон ҷалб гардидаанд.

| Номи ташкилот ва маълумот барои тамос | Маълумоти мухтасар оиди тахассус ва таҷриба |
|---|---|
| ТҒД "АТО"<br>Саидали Тешаев<br>Директор<br>Телефон. +992985162593,<br>saidali060680@mail.ru | Ин ТҒД аз ҳисоби кормандони пешини ташкилоти "ЧЕСВИ", дар лоиҳаҳо оиди идоракунии замин ва муҳити зист ташкил шудааст. Солҳои 2011-2012 мутахассисони асосии ТҒД "АТО" дар фаъолиятҳо оиди идоракунии чарогоҳ дар н.Ховалинг ҷалб гардидаанд. Аз соли 2013 то соли 2015 кормандони ин ташкилот барои амалї гардонидани ИМҶ дар ноҳияи Ховалинг ҷалб гардида буданд. Кормандони калидии он дар лоиҳае, ки аз тарафи бонки Олмон (KfW) дар ноҳияи Ховалинг амалӣ мегардад, ҷалб гардидаанд. |
| ТҒД "Азал"<br>к.Нусратулло Махсумов 124,<br>ҳуҷраи 40,<br>Душанбе 734064<br>Тел:+ 992 902 55 55 05,<br>nazarov.azal@mail.ru<br>azal.rashtvalley@mail.ru | Дар доираи собиқ Лоиҳа оид ба идоракунии замин, ки Агроаксияи Олмон амалӣ мегардонад фаъолият намудааст. Кормандони ТҒД "АЗАЛ" таҷрибаи амалӣ оид ба ИМҶ дар деҳаҳои наздисарҳадии парваришгоҳи "Камароб" дар ноҳияи Рашт ба даст овардаанд Дар асоси мубодилаи таҷриба бо лоиҳаи GIZ оид ба ИМҶ дар ВМКБ фаъолият намуданд. Аз соли 2014 онҳо ҳамчун ТҒД мустақилона ба амалӣ намудани ИМҶ дар деҳаҳои интихобшудаи ноҳияҳои Тавилдара ва Ҷиргатол машғул аст. Онҳо имкониятҳои махсус дар ҳамгироии идоракунии чарогоҳва ИМҶ доранд. |
| ТҒД "КЕМП Табиат"<br>Намояндаи расмии Фонди КЕМП Алатоу дар Тоҷикистон<br>Кӯч. Соҳибназаров9,<br>736000 Хоруғ,<br>ВМКБ, Тоҷикистон | Собиқ лоиҳаи GIZ оид ба рушди ИМҶ дар ВМКБ сар аз соли 2006 фаъолият намуд. Асосан барои иҷрои корҳоисафарбаркунӣташкилоти ҷамъиятии "КЕМП Табиат" таъсис карда шудааст.Наќши худро ба сифати аъзои ТҒД дар корҳои сафарбаркунӣ/таблиғотӣ дар бастани зиёда аз 400 шартномаи ИМҶ бо МДХҶ ВМКБ гузоштаанд. Дар ин замина онҳо бомуваффақият таҳияи низоми маркетинги ҳезуми ВМКБ ба анҷом расониданд. Дар ҳозира онҳоҳамчун ТҒД Амалигардонии чорабиниҳо доир ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар хоҷагии ҷангал ва идоракунии чарогоҳ дар Ванҷ гузаронида истодаанд, инчунин онҳо таҷрибаи худро дар санҷидани усули « Дафтарчаи нигаҳдории амонат (ДНА) » ба даст овcovered. |
| ТҒД "Caritas Шветсария"<br>Кӯчаи Павлов, 20<br>734003 Душанбе<br>Тоҷикистон | Каритас Швейтсария усули ИМҶ-ро дар ноҳияҳои Фархор ва Данғара ҳамчун қисми лоиҳаи GIZ "Оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим тавассути ҷангали устувор" дар солҳои 2013 – 2014 амалӣ кардааст. Дар ин давра 30 шартномаҳо бо истифодабарандагони ҷангал аз ҷангалҳои пистазор баста шуданд. Барои таҳияи нақшаҳои идоракунии устувори ҷангалҳои пистазор, ки дар ду самт-барқарорсозии ҷангалҳо ва чарогоҳҳои таназзулёфта, инчунин бо истифода аз имкониятҳои пистазорҳои ҳосилдиҳанда равона шудааст, таҷриба гузаронида шуд. |
| ТҒД "ЧЕСВИ Тоҷикистон"<br>Кӯчаи Фирдавсӣ,16<br>Душанбе | Ташиколоти ғайридавлатии итолиёвии CESVI ҳамчун як қисми лоиҳаи минтақавии GIZ "Оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим тавассути идоракунии устувори захираҳои табиӣ" усули ИМҶ-ро солҳои 2013-2014дар ноҳияи Ховалинг, деҳаҳои Кулолон ва Сангдара амалӣнамуд, ки дар доираи он наздики 60 шартнома миёни истифодабарандагони ҷангал ва МДХҶ-и н. Ховалинг ба имзо расид. Онҳо барои мутобиққунонии ИМҶ дар шароити ҷангалҳои мевадиҳанда ва чормағздор дар қисмати марказии Тоҷикистон таҷрибаи бой ба даст оварданд. |
| ТҒД "Барги Сабз"<br>Вил. Хатлон,<br>н. Балҷувон, маркази ноҳия,<br>Тоҷикистон<br>Email: greenleaf.tj@gmail.com | ТҒД аз ҷониби собиқ кормандони Агроаксияи Олмон, ки дар лоиҳа оид ба идоракунии замин фаъолият мекарданд, таъсис дода шуда, моҳи октябри соли 2013 ба қайд гирифта шудааст. Гарчанде, ки дар аввал ТҒД-и Барги Сабз асосан бо лоиҳаҳои дар соҳаи идоракунии устувори чарогоҳҳо ва рушди деҳот машғул буд, сар карда аз соли 2014 дар самти паҳн намудани усули ИМҶ дар ноҳияи Балҷувон фаъолият мебарад. |
| ТҒД " Ҷангалпарвар" | Ин ташкилоти ҷамъиятии навтаъсисёфта аз як гуруҳи мутахассисони ҷавон, ки ба сифати сафарбаркунандагон/ таблиғотчиёниҷомеабарои ИМҶ ё коршиносони соҳаи мониторинг омӯзонида шудаанд, иборат мебошад. Ташкилот дар дараи Ромит кор кардааст ва ҳоло дар Панҷакент оид ба татбиқи ИМҶ дар ҷангалҳои арчадор/арчазорҳо машғул аст. Ташкилот дастгирии зиёдро аз ҷониби коршиносони пуртаҷрибаи соҳаи хоҷагии ҷангал бархӯрдор мебошад. |

| Номи коршинос | Маълумоти мухтасар оиди тахассус, таҷриба ва маълумотҳо барои тамос |
|---|---|
| Акмал Саймуродов | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа аз сентябри соли 2014 фаъолиятмекунад. Дар дараи Ромит кор карда ҳоло дар н. Балҷувон фаъолият дорад. Маълумот барои тамос: Телефон: (+992) 907 726626; Е-электронӣ: saimurodov.akmal@mail.ru |
| Ашуров Бахтиёр | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа аз моҳи ноябри соли 2013 то декабри соли 2014 дар ноҳияи Фархор фаъолият намудааст. Маълумот барои тамос: Телефон: 992 32 32 08; Е-электронӣ: bakhtiyora@list.ru |
| Абдураҳимов Наҷмиддин | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа аз моҳи ноябри соли 2013 то декабри соли 2014 дар ноҳияи Фархор фаъолият намудааст. Маълумот барои тамос: Телефон: +992 900027211; Е-электронӣ: najmidin.abdurakhimov@mail.ru |
| Шодизода Фурузон | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа дар Панҷакент аз моҳи августи соли 2014 то ҳозир фаъолият намуда истодааст. Маълумот барои тамос: Телефон: 931113177 |
| Шоҳин Одинаев | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа дар Панҷакент аз моҳи марти соли 2015 то ҳозир фаъолият намуда истодааст. Маълумот барои тамос: Телефон: 931113181 |
| Дилбар Зеварова | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа дар ВМКБ аз моҳи майи соли 2010 то ҳозир фаъолият намуда истодааст. Маълумот барои тамос: Телефон: 93 444 69; Е-электронӣ: dilbar.zevarova@gmail.com |
| Қумрия Вафодорова | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа дар ВМКБ аз моҳи августи соли 2009 то ҳозир фаъолият намуда истодааст. Маълумот барои тамос: Телефон: 93 444 52 70; Е-электронӣ:qumriya.vafodorova@gmail.com |
| Мойолам Замирова | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа дар ВМКБ аз моҳи январи соли 2014 то ҳозир фаъолият намуда истодааст. Маълумот барои тамос: Телефон: 93 404 56 04; Е-электронӣ: mayakhorog@gmail.com |
| Дониш Донаёров | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчииҷомеа дар ВМКБ аз моҳи августи соли 2009 то ҳозир фаъолият намуда истодааст. Маълумот барои тамос: Телефон: 93 444 52 71; Е-электронӣ: donish.donayorov@gmail.com |
| Фахриддин Дилшодов | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа дар н. Роштқалъаи ВМКБ аз моҳи августи соли 2009 то ҳозир фаъолият намуда истодааст. Маълумот барои тамос: Телефон: 93 444 52 73; Е-электронӣ: fakhriddin.dilshodov@gmail.com |
| Зарифхон Гулчинов | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа дар н. Роштқалъаи ВМКБ аз моҳи августи соли 2009 то ҳозир фаъолият намуда истодааст. Маълумот барои тамос: Телефон: 93 514 88 94; Е-электронӣ: zarifkhon.gulchinov@gmail.com |



| | |
|---|---|
| Ҳабиб Қадамшоев | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа дар ВМКБ аз моҳи маи соли 2010 то охири соли 2012 фаъолият намудааст. Маълумот барои тамос: дар айни замон дар шаҳри Душанбе қарор дорад. |
| Бадахшон Алибеков | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа дар ВМКБ аз моҳи майи соли 2010 то охири соли 2013 фаъолият намудааст. Маълумот барои тамос: дар айни замон дар Шуғнон қарор дорад. |
| Парвина Муборакшоева | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа дар ВМКБ аз моҳи августи соли 2009 то моҳи октябри соли 2011 фаъолият намудааст. Маълумот барои тамос: Телефон: 93 857 41 05 |
| Зайнура Шодмонбекова | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа дар ВМКБ аз моҳи августи соли 2009 то ҳозир фаъолият намуда истодааст. Маълумот барои тамос: Телефон: 93 502 28 58; Е-электронӣ: zainura.shodmonbekova@gmail.com |
| Ҳақризо Нурмамадов | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа дар ВМКБ аз моҳи августи соли 2009 то ҳозир фаъолият намуда истодааст. Маълумот барои тамос: Телефон: (+992) 93 444 52 77; Е-электронӣ: haqrizo.nurmamad@gmail.com \| skype: haqrizo.nurmamadov |
| Сайдакбар Раҳматов | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа дар ноҳияҳои Ҷиргатол ва Рашт аз соли 2014 то апрели соли ҷорӣ фаъолиятнамудааст. Маълумот барои тамос: Телефон: (+992) 902 55 55 02; Е-электронӣ: saidakbarjon62@mail.ru |
| Баҳром Рустамов | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа дар н. Тавилдара аз моҳи апрели соли 2014 то ҳозир фаъолият намуда истодааст. Маълумот барои тамос: Телефон: (+992) 902 55 55 03; Е-электронӣ: bakhrom-rustamov@mail.ru |
| Аслам Мунаков | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа дар ВМКБ аз моҳи августи соли 2009 фаъолиятнамудааст, аз моҳи августи соли 2013 ба сифати назорати паҳн намудани усули ИМҶ дар ноҳияҳои гуногун кор кардааст. Маълумот барои тамос: Телефон: (+992) 935751161; Е-электронӣ: aslamm72@gmail.com |
| Сорбон Холиқназаров | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа дар ВМКБ аз моҳи августи соли 2009 фаъолият намудааст, аз моҳи августи соли 2013 ба сифати назорати паҳн намудани усули ИМҶ дар ноҳияҳои гуногун кор кардааст. Маълумот барои тамос: Телефон: (+992) 937358968; Е-электронӣ: sorbon.kholiqnazarov@gmail.com |
| Сайдали Тешаев | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа дар н. Ховалинг аз моҳи сентябри соли 2013 то ҳозир фаъолият намуда истодааст. Маълумотбарои тамос: Телефон: +992985162593; Е-электронӣ: saidali060680@mail.ru |
| Толиб Аҳроров | Ба сифати сафарбаркунанда/ таблиғотчии ҷомеа дар ВМКБ аз моҳи сентябри соли 2013 фаъолият намудааст аз моҳи августи соли 2013 ба сифати назорати паҳн намудани усули ИМҶ дар ноҳияҳои гуногун кор кардааст. Маълумот барои тамос: Телефон: +992918529782; Е-электронӣ: t_ahrorov@mail.ru |

То ба имрӯз машварати техникӣ ва дастгирии татбиқи ИМҶ дар Тоҷикистон аз ҷониби коршиносон ва созмонҳои зерин таъмин карда мешавад.

| Номи ташкилот ва маълумот барои тамос | Маълумоти мухтасар оиди тахассус ва таҷриба |
|---|---|
| ТҒД<br>“Зан ва Замин” | “Зан ва Замин” дар самти сафарбаркунии гурӯҳи занон барои ҷамъоварӣ ва коркарди меваҳои худрӯи ҷангал, ташкил кардани ниҳолхонаҳо бо мақсади парвариши намудҳои анъанавии дарахтони мевадиҳанда ва нигаҳдории гуногунии биологӣ равона шудааст. “Зан ва замин”, таҷрибаи ташхиси қавӣ оид ба нигоҳдории гуногунии биологӣ дорад. |
| ҶДММ “Таджиклессервис” | “Таджиклессервис” моҳи майи соли 2015 таъсис дода шуда, пеш аз ҳама, хизматрасониҳоро дар самти гузаронидани тренингҳо, машваратҳо ва баҳодиҳии касбии дарахтзорҳо, баҳисобгирии ҷангал ва банақшагирии идоракунии ҷангал таъмин менамояд. Ташкилот инчунин барои мустаҳкам намудани муколама байни МДХҶ ва Агентии хоҷагии ҷангал мусоидат карда, раванди ислоҳотро ҷоноб менамояд. |
| Агентии хоҷагии ҷангал | Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сохтори алоҳида дар моҳи феврали соли 2014 таъсис дода шуда, дар сохтори худ раёсати ҷангал дорад, ки вазифаи сиёсӣ ва назорати ин соҳа, рушди қонунгузорӣ ва сиёсатро пеш мебарад. |
| Пажуишгоҳи илмии хоҷагии ҷангал | Пажуишгоҳи илмии хоҷагии ҷангал ташкилоти зерсохтори Агентии хоҷагии ҷангал буда, таҷрибаи зиёд дар парвариш ва нигоҳубини дарахту буттаҳои ҷангал ( писта, чормағз, бодом, хӯч ва ғайра ) дорад. |
| Пажуишгоҳи Боғдории Академияи илмҳои кишоварзӣ | |
| Хоҷагии ниҳолпарварии Вахдат | Дар хоҷагии ниҳолпарварии Ваҳдат, ки бузургтарин ниҳолхонаи соҳаи хоҷагии ҷангал дар Тоҷикистон буда, дорои мутахассисони касбӣ мебошад, истеҳсоли ниҳолҳо дар майдони 26 га ба роҳ монда шудааст. |

| Номи коршинос | Маълумоти мухтасар оиди тахассус, таҷриба дар амалисозии ИМҶ ва маълумот барои тамос |
|---|---|
| Бобоев Давлатшо | Таҳияи Кодекси ҷангал, санадњои меъёрии ҳуқуқӣ оиди идоракунии хоҷагии ҷангал, тартиб додани њуљљатњои расмӣ, ( нафақахӯр, собиқаи корӣ дар АХҶ). |
| Саидов Давлат | Нигоҳубини ҷангалҳо/ плантатсияҳои писта,<br>Сарҷангалбони МДХҶ н. Фархор.<br>Маълумот барои тамос : Телефон:+992900107800 |
| Рахимов Сафарбег | Парвариши Ферула ва ҷамъоварии маҳсулоти он,<br>Донишгоҳи мили Тоҷикистон (Факултаи Биология).<br>Маълумот барои тамос: Телефон: +992 907 94 60 40 |
| Бобоев Тилло | Селексия ва парвариши зира Боғи ботаникии Кӯлоб.<br>Маълумот барои тамос: Телефон: +992 918 63 51 14 |
| Бобоев Мохпари | Истифодаи маҳсулоти ҷангал (наботот) аз назари тиб,<br>Беморхонаи марказии Кӯлоб (гиёҳшинос).<br>Маълумот барои тамос: Телефон: +992 907937130 |
| Алиева Садафмо | Коршинос оид ба масъалаҳои гендерӣ дар коркарди писта.<br>Маълумот барои тамос: Телефон: +992 900006624 |
| Қаноат Боймахмадов | Коршинос оид ба ҷудо кардани қитъаҳо аз рӯи СМГ, аз 03/ 2012 то соли 2015 (Ишкошим) Маълумот барои тамос.<br>Contact data: Телефон: 50126 2180;<br>Е-электронӣ: qanoat1991@gmail.com |
| Насим Фозилов | Муҳандиси техникӣ аз 05/2010- то ҳозир, Хоруғ.<br>Маълумот барои тамос: Телефон: 93 444 69 04;<br>Е-электронӣ: nasim.fozilov@gmail.com |

| | |
|---|---|
| Давлатали Шарипов | Вазифаҳо ва уҳдадориҳои Истифодабарандагони ҷангал /МДХҶ дар доираи ИМҶ, мусоидат ба пешбурди корҳо миёни МДХҶ ва Агентии миллии хоҷагии ҷангал, парвариши писта.<br>Маълумот барои тамос: Телефон:+992 919-63-41-88;<br>Е-электронӣ: davlatali_sharipov @mail.ru |
| Абдусалом Абдулхаков | Парвариш ва идоракунии ҷангалҳои/ плантатсияҳои писта. |
| Саидзода Мадиброн | Вазифаҳо ва уҳдадориҳои Истифодабарандагони ҷангал ва МДХҶ, Машварати ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, Мусоидат ба тақсимоти вазифаҳо дар доираи ИМҶ, миёни МДХҶ ва Агентии хоҷагии ҷангал.<br>Маълумот барои тамос: Телефон: 918896808;<br>Е-электронӣ: saidov_madibron@mail.ru |
| Устян И. П. | Идоракунии ҷангалҳои навбунёд, Арзёбии шароити мавқеи љангал; Кишт,шинонидан ва гузаронидани буриши санитарӣ.<br>Маълумот барои тамос: Телефон: +992 919 74 42 70 |
| Хайридин Сафаров | Аз рӯи СМГ ҷудо кардани қитъаи ҷангал ва харитасозӣ.<br>Маълумот барои тамос: Телефон: +992918973086;<br>Е-электронӣ: khairuddin-88@mail.ru |
| Неъмат Муҳамадиев | Таъсиси ниҳолхонаҳои хурд; Арзёбии шароити ҷойгиршавии љангал; агротехникаи ниҳолшинонӣ.<br>Маълумот барои тамос: Телефон: +992919766991 |
| Сафаргул Аланазарова | Тавонмандсозии гендерї; Ташаккули гурӯҳи гендерї; Маркетинги маҳсулоти ҷангал дар Ховалинг.<br>Маълумот барои тамос: Телефон: +992985268224 |







*Накшаи чойгиршавии китъаи истифодабарандагони чангали н. Фархор*




## 6. Замима

## 6. Замима

Ҳуҷҷатҳои зерин ба иҷроиши ИМҶ алоқамандӣ дошта, аз тарафи ташкилотҳои мухталиф омода карда шудаанд. Инчунин ҳуҷҷатҳо дар CD-Rom низ дастрас мебошанд:

| No. | Тавсифи ҳуҷҷат | Забон |
|---|---|---|
| 01-1 | Тафсири кӯтоҳи шартномаи ИМҶ | Тоҷикӣ |
| 01-2 | Тафсири кӯтоҳи шартномаи ИМҶ | Русӣ |
| 02 | Созишномаи ҷомеа | Русӣ |
| 03-1 | Саволнома барои истифодабарандагони ҷангал | Тоҷикӣ |
| 03-2 | Саволнома барои истифодабарандагони ҷангал | Англисӣ |
| 04-1 | Шартномаи ИМҶ | Тоҷикӣ |
| 04-2 | Шартномаи ИМҶ | Русӣ |
| 04-3 | Шартномаи ИМҶ | Англисӣ |
| 05-1 | Нақшаи Идоракунӣ | Тоҷикӣ |
| 05-2 | Нақшаи Идоракунӣ | Русӣ |
| 06-1 | Нақшаи Солона | Тоҷикӣ |
| 06-2 | Нақшаи Солона | Русӣ |
| 07-1 | Ҷадвали мониторинг оиди иҷроиши чорабиниҳо | Тоҷикӣ |
| 07-2 | Ҷадвали мониторинг оиди иҷроиши чорабиниҳо | Русӣ |
| 07-3 | Огоҳӣ | Тоҷикӣ |
| 08 | Огоҳии ниҳоӣ | Тоҷикӣ |
| 09 | Бекор кардани Шартнома | Тоҷикӣ |
| 10-1 | Тақсимоти ҳосили маҳсулоти ҷангали МДХҶ ва истифодабарандагони ҷангал | Тоҷикӣ |
| 10-2 | Тақсимоти ҳосили маҳсулоти ҷангал миёни МДХҶ ва истифодабарандагони ҷангал | Русӣ |
| 10-3 | Тақсимоти ҳосили маҳсулоти ҷангал миёни МДХҶ ва истифодабарандагони ҷангал | Англисӣ |
| 11-1 | Дастур оиди усул ва техникаи ҷангалпарварӣ | Тоҷикӣ |
| 11-2 | Дастур оиди усул ва техникаи ҷангалпарварӣ | Русӣ |
| 12 | Дастур дар бораи намудҳои дарахтони минтақаи Ховалинг | Англисӣ |
| 13-1 | Дастури кисагӣ оиди муайян кардани намудҳои дарахту буттаҳои ҷангал | Тоҷикӣ |
| 13-2 | Дастури кисагӣ муайян кардани намудҳои дарахту буттаҳои ҷангал | Русӣ |
| 14 | Дастур оиди парвариши писта ва идоракунии плантатсияҳо писта (пистазорҳо) | Русӣ |
| 15 | Дастур оид ба парвариш ва ҷамъоварии шираи каоли бадбӯй (Ферула) | Тоҷикӣ |
| 16-1 | Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон (2011) | Тоҷикӣ |
| 16-2 | Кодекси ҷангалиҶумҳурии Тоҷикистон (2011) | Русӣ |

| | | |
|---|---|---|
| 16-3 | Кодекси ҷангалиҶумҳурии Тоҷикистон (2011) | Англисӣ |
| 17-1 | Низомномаи ИМҶ | Тоҷикӣ |
| 17-2 | Низомномаи ИМҶ | Русӣ |
| 18-1 | Стратегияи рушди соҳаи ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2030 | Тоҷикӣ |
| 18-2 | Стратегияи рушди соҳаи ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2030 | Русӣ |
| 18-3 | Стратегияи рушди соҳаи ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2030 | Англисӣ |
| 19-1 | Нақшаи амалиёт 2016-2020 ба Стратегияи рушди соҳаи ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон | Тоҷикӣ |
| 19-2 | Нақшаи амалиёт 2016-2020 ба Стратегияи рушди соҳаи ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон | Русӣ |
| 19-3 | Нақшаи амалиёт 2016-2020 ба Стратегияи рушди соҳаи ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон | Англисӣ |

